**РОҲИ САФЕД, ХАТМКУНАНДАГОН!**


# Ворисони Сино

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*

НАШРИЯ АЗ МОҲИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 1958 ЧОП МЕШАВАД

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино * AVICENNA TAJIK STATE MEDICAL UNIVERSITY

Нишонаи электронӣ: **vsino@tajmedun.tj** Сомона: **www.tajmedun.tj**

**№ 10-11 (2078-2079) 6 ИЮНИ СОЛИ 2019**

**НАШРИЯИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО**


# Табрикоти ректори донишгоҳ, д.и.т., профессор М.Қ.Гулзода ба хатмкунандагони соли 2019



**Шогирдони азиз!**

Дар давоми зиндагии худ ҳар як инсон марҳилаҳои муҳимеро паси сар мегузорад, ки давоми рӯзгор ва кору фаъолияти ояндаи ӯро то андозае равшан месозанд. Шаш сол қабл Шумо пешаи ифтихории табибиро ихтиёр намуда, аз қадамҳои аввалини омӯзиш пай бурда будед, ки барои ҳомии ҳақиқии саломатии мардум гаштан аз баҳри пуртуғёни талошу бурдборӣ, бароу нокомӣ ва пасту баландиҳои давраи донишандӯзӣ гузаштан лозим меояд. Ва хушбахтона имрӯз бо сари баланд гуфта метавонед, ки ҳар кадоми Шумо имтиҳони аввалини давраи касбомӯзиро мардонавор таҳаммул намуда, ба сӯи қуллаи мақсуд аллакай қадами устувор гузоштед.

Донишгоҳи тиббиро хатм карда истода дар баробари соҳиби маълумоти олии касбӣ шудан Шумо сазовори номи пуршарафи табибӣ гаштед, ки ба ин муносибат ҳар яки Шуморо сидқан табрику муборакбод намуда, ба ҳар кадоматон хушиҳои минбаъдаи рӯзгор ва барору муваффақияти корро таманно менамоям.

Воқеан, имсол бори 74-ум донишгоҳи тиббиамон 1556 нафар хатмкунандагони худро ба хизмати халқу Ватани хеш сафарбар менамояд, ки 65 нафари онҳо донишгоҳро бо дипломи аъло хатм намудаанд. Боиси хушнудист, ки хатми имсолаи донишгоҳ ба воқеаи хеле муҳим-80 солагии таъсисёбии ин муассисаи таҳсилоти олии тиббӣ рост омад, ки имрӯзҳо устодону донишҷӯёни таълимгоҳ баҳри таҷлили сазовори ин санаи таърихӣ ҳаматарафа омодагӣ мебинанд. Дар тӯли мавҷудияташ ин даргоҳи муқаддас беш аз 43 ҳазор нафар мутахассисони соҳибмаълумотро тарбият намудааст, ки ҳар кадоми онҳо бо кору фаъолияти шоистаашон заррае ҳам бошад, мақому манзалат ва обрӯву эътибори донишгоҳи азизро дар байни мардуми кишвар ва берун аз он шарафмандона муаррифӣ намудаанд. Боварӣ дорам, ки хатмкунандагони имсола низ масъулияти бузурги касби пешакардаи худро аз ҳампешагони калонсоли худ камтар ҳис намекунанд ва донишҳои касбии тӯли шаш сол дар донишгоҳ азбарнамудаашонро ба манфиати мардуми кишвар дилсӯзона сарф карда, дар рушду инкишофи тибби муосири тоҷик ва татбиқи барномаи давлатии солимгардонии ҷомеа саҳми арзандаи хешро мегузоранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши табибу омӯзгорро дар ҷомеа хеле баланд арзёбӣ намуда, зикр кардаанд, ки: **«Касбҳои табиб ва муаллим аз ҷумлаи касбҳои пурифтихор ба шумор меравcovid, чунки яке бо табобату тарбияи бадан ва дигаре бо тарбияву такмили маънавиёти инсон машғуланд. Аз ин рӯ, бояд соҳибони ин ду касби муқаддас ҳамеша дасту дили пок ва нияти неку беғараз дошта бошанд»**.

Барои табиби ҳозиқу донишманд ва мушкилкушои дарди ҳазорон нафар ниёзмандон гаштан дар минбаъда боз ҳам омӯхтан, таҷрибаи андӯхтаи ҳамкасбони калонсолро аз бар намудан бояд шеваи асосии кору фаъолияти Шумо, шогирдони азиз гардад. Беҳуда нагуфтаанд, ки:

*Ҳар ки бе устод кард*
*оғози кор,*
*Кору бори ӯ надорад*
*эътибор.*

Набояд фаромӯш сохт, ки давлат ва Ҳукумати соҳибистиқлоламон дар тамоми марҳилаҳои рушду тараққиёт ба нерӯи созандаи ҷавонони соҳибистеъдод эътимоду боварии комил зоҳир менамоянд. Барои сазовор гаштан ба ин боварии олӣ Шуморо низ талошу кӯшишҳои зиёде ҳанӯз дар пеш аст ва ман боварӣ дорам, ки барои ба сатҳи зарурии истеъдоди касбӣ расидан таҷрибаи ҳамкасбони калонсол бароятон мактаби дуюми омӯзиш қарор хоҳад гирифт.

Дар ин ҷодаи душвор, вале пуршараф ба ҳар кадоми Шумо бурдборӣ, сабру таҳаммул, иродаи қавӣ ва барору комёбиҳои беназирро таманно дорам.

**Роҳи сафед, шогирдони азиз – хатмкунандагони соли 2019!**

# Тантанаҳои Рӯзи ҷавонон дар донишгоҳ

***Ҳамасола ҳафтаи сеюми моҳи май дар донишгоҳамон «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» дар вазъияти тантанавӣ ҷашн гирифта мешавад. Бо ин мақсад рӯзи 27-уми май дар толори «Сино» бо иштироки муовини аввали раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода Ризо Шодӣ аъзои раёсат, омӯзгорон ва донишҷӯён чорабинии умумидонишгоҳӣ баргузор карда шуд.***

Дар аввал ректори донишгоҳ д.и.т., профессор Гулзода М.Қ. ҷавонони донишгоҳро бо ин рӯзи саид табрик намуда, оид ба муҳимтарин нуқтаҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҷавонон ибрози андеша намуданд. Қайд карда шуд, ки толибилмони донишгоҳ сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллатро ҳаматарафа дастгирӣ намуда, дар давоми соли таҳсили ҷорӣ аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳо ба натиҷаҳои шоёни таҳсин ноил гаштанд.



Баромади муовини аввали раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода Ризо Шодӣ ба тадбирҳои давлат ва Ҳукумати мамлакатамон дар самти сиёсати давлатии ҷавонон бахшида шуд.

*(давомаш дар саҳ. 2)*

# Миннатдорам аз ту, донишгоҳи азиз!

Ёд дорам. Вақте ки ба донишгоҳ аввалин бор барои ҳуҷҷатсупорӣ ҳамроҳи модарам омадам, вуҷудамро ҳаяҷони сахт фаро гирифта буд: дохил мешавам ё не, агар дохил шавам чӣ хел мехонам, чӣ хел бо одамони нав шинос мешавам? Оё ба талаботи ин донишгоҳ ҷавоб дода метавониста бошам??? Ин саволҳо чанд муддат маро домангир буданд, зеро мешунидам, ки дар донишгоҳи тиббӣ хондан мушкилиҳои хоси худро дорад. Хушбахтона, баъди супоридани имтиҳонҳои қабул ба сафи донишҷӯёни ин даргоҳи муқаддас шомил гаштам. Донишгоҳ маро бо олами аҷоиби илми тиб шинос кард. Имрӯз хурсандам, ки ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Синоро бо дипломи сурх хатм кардам. Барои ба ин рӯз расидани ман падару модари азизам, устодони гиромиқадри донишгоҳ заҳмати зиёде кашидаанд. Ман миннатдорам аз



ҳамаи устодонам, ки ба мо то тавонистанд, илми тибро омӯзонданд ва барои соҳибкасб шуданамон донишу таҷрибаи хешро дареғ надоштанд. Имрӯз мисле ки бори аввал ба ин остона бо дили пурҳаяҷон қадам гузошта будам, боз ҳам бо қалби пур аз фараҳу шодӣ мегӯям: Донишгоҳи бароям азизу муқаддас, миннатдорам аз ту!

**Дилнавоз Нуриллоева,**
**хатмкунандаи факултети стоматологӣ**

# Тантанаҳои Рӯзи ҷавонон дар донишгоҳ



*(аввалаш дар саҳ. 1)*

Мавриди зикр аст, ки тибқи фармони ректори донишгоҳ ғолибони озмунҳо, мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ ва фаъолони донишгоҳ бо ифтихорнома ва мукофотпулиҳо ҳавасманд карда шуданд. Аз ҷумла :

**I. Донишҷӯён ва омӯзгорони зерин, барои ишғол намудани ҷойҳои ифтихорӣ дар озмунҳои донишгоҳӣ бо Ифтихорнома ва маблағи пулӣ сарфароз гардонида шуданд:**

1. Ғолиби озмуни «Омӯзгори ҷавони соли 2019» Калонова Маҳина Ҷумабоевна, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 1500 сомонӣ*);
2. Ғолиби озмуни «Олими ҷавони соли 2019» Сафарзода Рамазон, мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, н.и.т. (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 1000 сомонӣ*);
3. Ғолиби озмуни «Мураббии сол» Воҳидов Абдуғаффор Абдураҳмонович, ассистенти кафедраи беҳдошти муҳити зист (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 1000 сомонӣ*);
4. Ғолиби озмуни “Беҳтарин донишҷӯи факултети тиббӣ” Мирқосимова Меҳрангез, донишҷӯи курси 4 (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 250 сомонӣ*);
5. Ғолиби озмуни “Беҳтарин донишҷӯи факултети стоматологӣ” Шодиева Маҳлиё, донишҷӯи курси 4 (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 250 сомонӣ*);
6. Ғолиби озмуни “Беҳтарин донишҷӯи факултети НТҶ” Маъсумаи Абдулмуъмин, донишҷӯи курси 5 (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 250 сомонӣ*);
7. Ғолиби озмуни “Беҳтарин донишҷӯи факултети педиатрӣ” Эргашева Суманбар, донишҷӯи курси 5 (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 250 сомонӣ*);
8. Ғолибони олимпиадаҳо (қадрдонӣ бомаблағи 400 сомонӣ) ва роҳбарони онҳо (*қадрдон ӣбомаблағи 800 сомонӣ*).

Ғолибони Олимпиадаи “Ҷоми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (*қадрдонӣ бо Сипоснома ва маблағи 400 сомонӣ*):

- Ҳомидов Изатулло Содиқович, донишҷӯи курси 2, факултети тиббӣ барои ишғоли **ҷои аввал** аз фанни забони тоҷикӣ;
- Садриддинов Нуриддин Файзиддинович, донишҷӯи курси 1, факултети тиббӣ барои ишғоли **ҷои якум** аз фанни биология;
- Фатхиев Фатхи Мирзоевич, донишҷӯи курси 2, факултети тиббӣ барои ишғоли **ҷои сеюм** аз фанни фалсафа.

Роҳбарони ғолибони Олимпиадаи “Ҷоми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои тайёр намудани донишҷӯён ба олимпиада (*қадрдонӣ бо Сипоснома ва маблағи 800 сомонӣ*):

- Қосимов Олимҷон Ҳабибуллоевич, мудири кафедраи забони тоҷикӣ, аз фанни забони тоҷикӣ;
- Шаҳсуфбекова Нисо Назаровна, ассистенти кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетика аз фанни биология;
- Назаров Шералӣ Сафаралиевич, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ аз фанни фалсафа.

Ғолибони олимпиадаи Ҷумҳуривии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (*қадрдонӣ бо Сипоснома ва маблағи 400 сомонӣ*):

- Садриддинов Нуриддин Файзиддинович, донишҷӯи курси 1, факултети тиббӣ барои ишғоли **ҷои якум** аз фанни биология;
- Сангинов Фируз Облоқулович, донишҷӯи курси 4, факултети тиббӣ барои ишғоли **ҷои дуюм** аз фанни химия;
- Фарухи Шерзод, донишҷӯи курси 2, факултети тиббӣ барои ишғоли **ҷои сеюм** аз фанни фалсафа.

Роҳбарони ғолибони олимпиадаи Ҷумҳуривии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (*қадрдонӣ бо Сипоснома ва маблағи 800 сомонӣ*):

- Холбегов Мирзоҳамдам Ёрбегович, мудири кафедраи биология бо асосҳои генетика аз фанни биология;
- Файзилов Икром Усмонович, мудири кафедраи кимиёи биоорганикӣ аз фанни химия;
- Саидов Абдуманон Сатторович, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ аз фанни фалсафа.

9. Ғолибони озмуни «Беҳтарин маҳфили соли 2019» (*қадрдонӣ бо Сипоснома ва мабғали 200 сомонӣ*):

- Маҳфили “Ҳолатҳои таъҷилӣ дар тибб”, роҳбари маҳфил Олимов Фирдавс Муродович, донишҷӯи курси 5, факултети тиббӣ.
- Маҳфили “Мактаби презентаторон”, роҳбари маҳфил Бақоев Фаррух Саидҷонович, ассистенти кафедраи бемориҳои кӯдаконаи № 1.

10. Ғолибони озмуни «Беҳтарин донишҷӯ-ҳунарманди соли 2019» дар наминатсияҳои зерин: (*қадрдонӣ бо Сипоснома ва мабғали 100 сомонӣ*).

- «Кадбонуи беҳтарин» донишҷӯи курси 3, факултети тиббӣ Хайруллозода Манижа;
- «Ровии беҳтарин» донишҷӯи курси 1, факултети тиббӣ Отабекова Моҳнура;
- «Лаёқатманди беҳтарин» донишҷӯи курси 2, факултети тиббӣ Рӯёи Талбакҷон;
- «Тарроҳи беҳтарин» донишҷӯи курси 6, факултети тиббӣ Бобоева Моҳия;
- «Эҷодкори беҳтарин» донишҷӯи курси 1, факултети тиббӣ Зоирзода Парвона;
- «Раққосаи беҳтарин» донишҷӯи курси 1, факултети тиббӣ Моника Полинӣ.

11. Ғолиби беҳтарин мақола оид ба «Тоҷикистон минтақаи сайёҳӣ», ороишгари нашрияи “Ворисони Сино” Умаров Комрон Абдуназарович (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 400 сомонӣ*).

12. Ғолиби беҳтарин мақола оид ба «Тоҷикистон сарчашмаи оби минтақа», интерни кафедраи фтизиопулмонология Холов Даврон Бобомуродович (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 400 сомонӣ*).

13. Ғолиби беҳтарин мақола оид ба «Истиқлолияти энергетикӣ», омӯзгори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ Абдураҳмонов Зевар Вафоназарович (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 400 сомонӣ*).

14. Ғолиби беҳтарин мақола оид ба «Омилҳои шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ», муҳаррири сомонаи донишгоҳ Қосимов Мазбут Матоҳирович (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 400 сомонӣ*).

15. Ғолиби беҳтарин мақола оид ба «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя», аз ҷумла бо “Ҷумҳурии Ӯзбекистон”, мутахассиси шуъбаи иттилоот ва нашрия Аюбов Дониш Қосимович (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 400 сомонӣ*).

16. Ғолиби беҳтарин иншо оид ба «Терроризм-вабои аср» Мирфозилова Миҷгона, донишҷӯи курси 6, факултети тиббӣ (*қадрдонӣ бо Ифтихорнома ва маблағи 200 сомонӣ*).

**II. Донишҷӯёни зерини фаъоли Шуъбаи кор бо ҷавонон, Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён, Шуъбаи тарбия ва фарҳанг, Шӯрои занон ва духтарон ва факултетҳо барои татбиқ намудани сиёсати давлатӣ байни ҷавонон бо Ифтихорнома ва маблағи 100 сомонӣ сарфароз гардонида шуданд:**

1. Бобоқулова Мафтуна -курси 3, факултети педиатрӣ;
2. Мукаррамаи Довуд-курси 4, факултети тиббӣ;
3. Бурҳонов Нодир - курси 2, факултети тиббӣ;
4. ОлимовФирдавс- курси 5, факултети тиббӣ;
5. Машарипов Ҳилолиддин - курси 4, факултети тиббӣ;
6. Нуралиев Кароматулло- курси5,факултети НТҶ;
7. Маҳмудова Мафтуна - курси6, факултети тиббӣ;
8. Ғуломова Солеҳамоҳ - курси 6, факултети тиббӣ;
9. Мамадҷонов Пайрав – курси 5, факултети НТҶ;
10. Бобосафарова Манижа - курси 4, факултети педиатрӣ;
11. Ҳакимова Манижа - курси 4, факултети стоматологӣ;
12. Абилов Афзалшоҳ-курси 5, факултети тиббӣ;
13. Боҳирова Нозанин-курси 5, факултети тиббӣ;
14. Амири Манижабону-курси 5, факултети тиббӣ;
15. Иззатуллоев Фирдавс-курси 5, факултети тиббӣ;
16. Алиев Зафар-курси 4, факултети педиатрӣ;
17. Бандаева Моҳшариф-курси 2, факултети тиббӣ;
18. Холмирзозода Ҷунайдулло-курси 4, факултети тиббӣ;
19. ЗахуровМулобобо-курси 3, факултети стоматологӣ;
20. СаидоваФараҳноз-донишҷӯи курси 6, факултети тиббӣ;
21. ҲоҷиеваРобия-донишҷӯи курси 6, факултети тиббӣ;
22. Холов Сироҷиддин-донишҷӯи курси 6, факултети тиббӣ;
23. Нусратов Комрон-донишҷӯи курси 3, факултети тиббӣ;
24. ЁровУмедҷон-донишҷӯи курси 2, факултети тиббӣ;
25. Раҷабова Юля-донишҷӯи курси 2, факултети стоматологӣ;
26. Раҳимиён Бежан-донишҷӯи курси 2, факултети тиббӣ;
27. Исматова Тахмина-донишҷӯи курси 1, факултети НТҶ;
28. Гифти Селвираҷ- донишҷӯи курси 1, факултети тиббӣ;
29. Аҳмадзода Марҷона - донишҷӯи курси 6, факултети тиббӣ;
30. Раҳматуллоев Фирдавсӣ-донишҷӯи курси 1, факултети тиббӣ;
31. Балтабаев Баҳриддин-донишҷӯи курси 2, факултети тиббӣ;
32. Шарифов Сунатулло-донишҷӯи курси 3, факултети тиббӣ;
33. Шарипова Парвина-донишҷӯи курси 4, факултети тиббӣ;
34. Холов Дониёр-донишҷӯи курси 5, факултети тиббӣ;
35. Қурбонов Амирҷон-донишҷӯи курси6, факултети тиббӣ;
36. Носиров Эхром-донишҷӯи курси 6, факултети тиббӣ;
37. Сатторов Хуршед - донишҷӯи курси 3, факултети НТҶ;
38. Мамадаминов Осим - магистри соли якуми факултети НТҶ;
39. Алибердиева Наргис - донишҷӯи курси 3, факултети фарматсевтӣ;
40. Давлатиён Фотимаи Хабир - донишҷӯи курси 3, факултети стоматологӣ;
41. Маллаев Тоҷиддин-донишҷӯи курси 5 факултети педиатрӣ;
42. Ҳомидова Парвина— донишҷӯи курси 1 факултети тиббӣ;
43. Раҳматова Маҳбуба-донишҷӯи курси 1 факултети фарматсевтӣ;
44. Хамафияева Ануша-донишҷӯи курси 1 факултети педиатрӣ;
45. Займутдинова Азиза-донишҷӯи курси 2 факултети НТҶ.

**III. Донишҷӯёни зерин, барои ишғол намудани ҷойҳои ифтихорӣ дар мусобиқаҳои варзишии донишгоҳӣ бо Ифтихорнома ва медал сарфароз гардонида шуданд:**

***Намуди гуштини миллӣ:***

1. Комилзода Руҳангез- курси 1, факултети тиббӣ **барои ҷойи аввал** дар вазни 60кг;
2. Қурбонов Саиднуриддин - курси 3, факултети тиббӣ, **барои ҷойи аввал** дар вазни 65кг;
3. Икромов Изизулло-курси 5, факултети тиббӣ, **барои ҷойи аввал** дар вазни 75 кг;
4. Давлатзода Салим - курси 3, факултети стоматологи, **барои ҷойи аввал** дар вазни 85 кг;
5. Турдиев Аминҷон - курси 2, факултети стоматологи, **барои ҷойи дуюм** дар вазни 60кг;
6. Икромов Изизулло -курси 5, факултети тиббӣ **барои ҷойи дуюм** дарвазни 65кг;
7. Ҳакимов Далер- курси 3, факултети стоматологи, **барои ҷойи дуюм** дар вазни 75 кг;
8. Боқизода Муҳаммад - курси 3, факултети тиббӣ **барои ҷойи дуюм** дарвазни 85кг;
9. Авазов Табрез - курси 1, факултети тиббӣ **барои ҷойи сеюм** дарвазни 60кг;
10. Сафаралиев Қурбоналӣ - курси 1, факултети тиббӣ **барои ҷойи сеюм** дарвазни 65кг;
11. Изатзода Қудратулло - курси 1, факултети тиббӣ **барои ҷойи сеюм** дарвазни 75кг;
12. Салимов Исмоил - курси 2, факултети тиббӣ **барои ҷойи сеюм** дар вазни 85кг.

**Ғолибони мусобиқаи футбол барои дарёфти “Ҷоми Ректор”:**

1. Дастаи интернҳо ва ординаторон, **барои ишғоли ҷойи аввал** бо Ифтихорнома ва маблағи 1500 сомонӣ сарфароз гардонида шавад.
2. Дастаи донишҷӯёни курси 3, факултети тиббӣ, **барои ишғоли ҷойи дуюм** бо Ифтихорнома ва маблағи 1000 сомонӣ сарфароз гардонида шавад.
3. Дастаи донишҷӯёни курси 6, факултети тиббӣ, **барои ишғоли ҷойи сеюм** бо Ифтихорнома ва маблағи 800 сомонӣ сарфароз гардонида шавад.

**Ғолибони мусобиқаи воллейбол барои дарёфти “Ҷоми Ректор”:**

1. Дастаи донишҷӯёни факултети тиббӣ, **барои ишғоли ҷойи аввал** бо Ифтихорнома ва маблағи 1500 сомонӣ сарфароз гардонида шавад.
2. Дастаи донишҷӯёни факултети стоматологӣ, барои ишғоли ҷойи дуюм бо Ифтихорнома ва маблағи 1000 сомонӣ сарфароз гардонида шавад.
3. Дастаи донишҷӯёни факултети педиатрӣ, барои ишғоли ҷойи сеюм бо Ифтихорнома ва маблағи 800 сомонӣ сарфароз гардонида шавад.

*Арзи сипос*

# Аз фарзандонамон умедҳои зиёд дорем



Пинҳон намекунам, ки имрӯз ман худро ҳамчун падар инсони ниҳоят хушбахт меҳисобам. Зеро маҳз дар ҳамин санаи фаромӯшношуданӣ фарзанди дилбандам Шаҳзодаҷон яке аз таълимгоҳҳои бонуфузи мамлакат ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Синоро бо дипломи аъло хатм намуда, соҳиби унвони баланди табибӣ мегардад. Инро ман ҳамчун нишонаи эътирофи донишу маҳорат ва талошу кӯшишҳои фарзанди худ қабул мекунам. Аз фурсати муносиб истифода бурда ба роҳбарияти донишгоҳ, хоса ректори муҳтарам, профессор Гулзода Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ, инчунин ба ҳамаи устодони гиромие, ки дар тарбияи касбии фарзанди ман саҳми худро гузоштаанд, аз самими қалб миннатдории самимии худро баён менамоям. Ташаккури зиёд, ҳамеша саломату сарбаланд бошед!

Панҷ соле, ки фарзанди ман дар ин донишгоҳи овозадор таҳсил мекард, ҳамарӯза шоҳид мегаштам, ки барои ин муассисаи таълимиро хатм намудан ва соҳиби шаҳодатномаи табибӣ гаштан чӣ қадар меҳнату заҳмат ва шабҳои бедорхобиро паси сар кардан лозим меояд. Аз тарафи дигар ҳис менамудам, ки устодони ин даргоҳ ниҳоят серталаб ва дар таълиму тарбияи шогирдон сахтгиранд.

Дар ҳақиқат табибӣ дар ҳама давру замон касби пуршарафе маҳсуб меёфт. Дар замони имрӯза бошад, вобаста ба пешравиҳои илми муосир талабот ба соҳибони ин касб хеле зиёд шудааст. Аз ин хотир, мо умедворем, ки фарзандони сарбаланди мо, ки имрӯз дипломи табибиро ба даст мегиранд, минбаъд ҳам омӯзиши нозукиҳои касбашонро бо ҳамон ғайрату ҳиммати давраи донишҷӯӣ давом дода, барои то ба дараҷаи табиби моҳиру соҳибтаҷриба ба камол расидан аз имкониятҳои мавҷуда ба таври лозимӣ истифода мебаранд. Мо волидон аз онҳо умедҳои зиёд дорем.

Дар хотима аз номи ҳамаи волидон ва шахсан аз номи худам ҳамаи хатмкунандагони соли 2019-и Донишгоҳи тиббиро бо ин воқеаи фараҳбахш аз тахти дил табрику муборакбод намуда ба ҳар кадоми онҳо тансиҳатӣ, рӯзгори ободу осуда ва дар фатҳи қуллаҳои баланди илми тиб комёбию муваффақиятҳо орзу менамоям. Ҳамчунин, таманно дорам, ки устодони ин даргоҳи муқаддас ҳамеша тансиҳату сарбаланд ва дар тарбияи шогирдон боз ҳам пирӯзу муваффақ бошанд.

**Ҳокимшоҳ Идиев, директори фабрикаи дӯзандагии истеҳсолии «Сифат саноат»-и шаҳри Душанбе**

# ТЕЛЕФОНИ МОБИЛӢ БА ЧАШМ ЧӢ ЗАРАР ДОРАД?



18 май дар Маркази ташхисию табобатии донишгоҳ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ» семинар-машварат баргузор гардид, ки зимни он табиби бемориҳои чашм Бобоева Т.С. дар мавзӯи «Зарари телефонҳои мобилӣ ба чашм» маърӯза кард.

Қайд карда шуд, ки ба майдони алоқа баромадани телефони мобилӣ инқилобе дар соҳаи илму техника мебошад. Аммо ба ин нигоҳ накарда, телефонҳо хусусиятҳои зараррасонӣ низ доранд ва оҳиста-оҳиста ба саломатии инсон зарари худро мерасонанд.

Тавре мушоҳида мегардад, коргарон, донишҷӯён, мактаббачагон ва ҳатто пиронсолону кӯдакон имрӯз аз телефони мобилӣ васеъ истифода бурда, баъзеҳо бо худ ду ва зиёда телефони ҳамроҳ доранд. Телефонҳои муосир вазифаи MP3-плеер, компютер, дастгоҳи аккосӣ, камераи сабт ва ғайраро иҷро намуда, мушкилоти одамонро осон мегардонанд, вале мардум оид ба он, ки телефон ба саломатии онҳо зарар дорад, камтар фикр мекунанд.

«Истифодаи ками телефон ба фоидаи саломатии инсон аст. Ҳастанд нафароне, ки телефонҳои худро ҳама вақт дар бар мегардонанд ва ҳатто дар бистари хоб низ нигоҳ медоранд. Бояд гуфт, ки ҳангоми хоб рафтан набояд телефони мобилиро ба худ наздик гузошт. Он бояд 5 метр дуртар, беҳтараш берун аз утоқи хоб бошад. Аз рӯи ҳисоботи омории танзимгарони алоқаи мобилӣ, тақрибан 70 фоизи истифодабарандагон дар як рӯз зиёда аз 30 дақиқа гуфтугӯ мекунанд. Албатта, хуб мешуд, ки ҳар як нафар дар як рӯз камтар аз 30 дақиқа гуфтугӯ кунад»- илова намуд ӯ.

Солҳои охир шумораи нафароне, ки аз омоси майнаи сар азият мекашанд, зиёд шудааст. Агар 10 сол пеш 50-70 нафар дар 1 сол бо бемории омоси майнаи сар ба духтурон муроҷиат мекарданд, солҳои охир теъдоди чунин беморон ба 200-300 нафар расидааст. Ин танҳо шумораи нафаронест, ки дар дохили кишвар муолиҷа меёбанд, ҳол он ки боз ҳастанд бемороне, ки дар хориҷи мамлакат табобат мегиранд.

«Имрӯз кӯдакони хурдсол ва мактаббачагон низ аз телефони мобилӣ ва планшет истифода мебаранд. Онҳо телефону планшетро на танҳо чун воситаи гуфтугӯ, балки бештар барои бозӣ истифода мебаранд»- ин гуна зиёд истифода бурдани телефони мобилӣ ба хирашавии чашм оварда мерасонад.

Қайд гардид, ки хирашавии чашм аслан нишонаи пиронсолист, лекин синни хирашавии чашм низ имрӯз поён рафтааст. Имрӯз шумораи зиёди ҷавонон аз хирашавии чашм шикоят мекунанд. Ҳангоми зиёд ва аз наздик нигоҳ кардан ба экрани телефон он нури чашмро хира мекунад.

Олимони Аврупо кашф намудаанд, ки организми кӯдак ҳангоми истифодаи телефони мобилӣ бештар аз калонсолон зарар мебинад. Кӯдак зуд хаста шуда, рӯҳияш ноустувор мегардад, дар натиҷа зуд асабонӣ ва бадмуомила мешавад. Ҳангоми зиёд гап задан бо телефон табъи инсон низ хира мешавад.

Вақтҳои охир дар байни кӯдакон ва мактаббачагон истифодаи телефони мобилӣ ва планшет бештар ба назар мерасад. Ҳатто ҳолатҳое мешаванд, ки падару модарон барои машғул кардани фарзандонашон бо бозиҳои гуногуну тамошои филмҳои тасвирӣ ин гуна дастгоҳҳоро мехаранд.

Олимон исбот карданд, ки ҳангоми аз 10 то 60 дақиқа тариқи телефон суҳбат кардан организми шахс бояд барои барқароршавӣ 8-14 соат истироҳат кунад. Таъсири овоз ва ларзиш (вибрация) ҳангоми истифодаи телефон ба танг шудани рагҳои гӯш ва рӯи сар меоварад. Олимон инчунин кашф намудаанд, ки пас аз суҳбат бо телефон шахс камтаваҷҷуҳ гашта, фикрҳояш парешон мешаванд.

Истифодаи ҳар як техника қонуну қоида ва меъёри муайян дорад. Бе зарурат набояд аз телефон истифода кард. Истифодаи ками телефон ба фоидаи саломатии инсон аст. Духтурон тавсия медиҳанд, ки ҳангоми хоб рафтан набояд телефони мобилиро назди худ гузошт. Занҳои ҳомиладор ва кӯдакони хурдсол бояд аз суҳбат тариқи телефон худдорӣ намуда, онро набояд тӯлонӣ дар кисаи назди сина ва миёнбанд нигоҳ доранд. Дар хона ва ё корхона беҳтараш аз телефони оддии ноқилӣ бояд истифода бурд.

**М.С. Ниёзова, директори МТТ ДДТТ, н.и.т., дотсент**

# МО, КИ ФАРЗАНДИ ТУЕМ, ДОНИШГОҲ,

## Донишгоҳ моро ба ҳаёт омода сохт…

Пӯшида нест, ҳар як ҷавондухтари имрӯзаи тоҷик орзуи дохил шудан ба ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Синоро дар дил мепарварад, вале афсӯс ки ҷараёни зиндагӣ бо хости мо нест ва барои орзуи дар дил доштаро амалӣ намудан талошу кӯшишҳои зиёдеро паси сар намудан лозим меояд. Ман ба ин даргоҳ тасодуфан қадам нагузоштаам. Падарам, ки табиби ҷарроҳ аст, мехостам, ки бо роҳи ӯ раваму касбашро аз худ намоям. Зеро мегӯянд, ки «мероси падар хоҳӣ касби падар омӯз». Соли 2013 аввалин маротиба бо чунин мақсад вориди ин даргоҳ шудам. Ҳиссиётеро, ки он замон дар дилам ҷо дошт, тасвир кардан душвор аст. Зеро ба тозагӣ аз ҳалқаи ҳамсинфон ва партаи мактабӣ ҷудо шуда будам, ки ин бароям хеле гарон менамуд. Гумон доштам, ки ба мисли мактаб ягон даргоҳе бароям муқаддас нахоҳад гашт. Аммо чун ба донишгоҳ қадам гузоштам, чун меҳрубониҳои устодону кормандонро дидам, дар давоми шаш сол ҳар як гӯшаи донишгоҳ, ҳар утоқи дарсии он, ҳар устодаш ва ҳар варақи китоби дарсии устодонаш бароям муқаддас гардиданд. Агар мактаб ба мо хондану навиштан ва дарси адаб дода бошад, донишгоҳ моро ба ҳаёти оянда, ки пур аз шебу фароз ва пастиву баландиҳост, омода сохт.

Айёми донишҷӯиро давраи тиллоии ҳаёт мегӯянд, ки ин дар ҳақиқат дуруст аст. Намедонам чаро, вале имрӯз он ранҷу ташвишҳои даврони донишҷӯиям, ки барои супоридани имтиҳону санҷиш, семинару корҳои лабораторӣ, аз дарс дермониву тарси устодони сахтгир ва амсоли он борҳо паси сар намудаам, бароям беҳад ширин менамоянд ва садое аз қаъри дил гаштаю баргашта ба гӯшам мерасад: Кош он рӯзҳо бори дигар такрор меёфтанд!

Акнун итминони комил ҳосил кардаам, ки панду насиҳатҳои устодон, ки яке бо лаҳни мулоим, дигаре тезу тунд ва нафаре сахту пуртаъсир ба рӯямон баён мекарданд, ҳамагӣ пур аз ҳикмат ва бар манфиати мо будааст. Ман тамоми умр аз ин устодони худ-роҳбаладони умр ва касбу кори хеш миннатдорам ва дар наздашон сари таъзим



фуруд меорам. Ҳар як сабақи гирифта, ҳар як гуфтори пандомӯз, ҳар як супоришу дарсу андарзи эшон акнун бароям шиори ҳаётӣ ҳисоб меёбад.

Дар донишгоҳамон дар давоми ин вақт дигаргуниҳои назаррасе ба амал пайвастанд, ки ҳама ба беҳбудии раванди илмомӯзӣ нигаронида шудаанд. Толорҳои лексионӣ, дорсхонаҳои барҳаво ва бо аёниятҳои дарсӣ пурра ҷиҳозонидашуда, китобхона ва толори ҳониши пур – пур аз китобҳо, толори компютерии пайваст бо шабакаи умумиҷаҳонии интернет мисолҳои оддӣ ва ба ҳама маълуманд. Ин рӯйхатро метавон боз давом дод.

Ифтихор дорам, ки ин даргоҳи олиро бо «дипломи аъло» хатм намудаму ба боварии падари бузургворам ва устодони мушфиқу ғамхорам сазовор гаштам. Ба андешаи ман шахсе, ки дар дил нияти табиб шуданро дорад, бояд чун фаришта ғамхору меҳрубон, мададгору дастёри ҳамагон бошад. Бигзор ба ин мақом шахсе соҳиб гардад, ки лоиқу арзанда бошад. Ва банда ҳам кӯшиш мекунам, ки чун табиби ҳақиқии дардошно ва дилсӯзу ғамхори мардум дар хизмати халқи азизам бошам.

Дар охир, миннатдории хеш, волидон ва тамоми ҳамсабақонамро ба кулли устодон, кормандони донишгоҳ ва хусусун, ба ректори муҳтарам, профессор Гулзода Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ баён мекунам.

**Зумрад Салимова,**
**хатмкунандаи факултаи тиббӣ**

## Рӯй овар бар китобу...

Дар ҳақиқат табиб будан шарафи бузургест, ки на ба ҳама муяссар мегардад. Шаш сол пеш бо нияту орзуҳои зиёде бори аввал ҳамчун донишҷӯ ба ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино қадам гузошта будам ва ба зудӣ эҳсос намудам, ки дар як муҳити бо илму ҳикмат саршор қарор дорам.

Вақт мисли дарёи пуртуғён ҷористу ҷорист. Ман ҳатто тасаввур намекардам, ки солҳо ин қадар тез мегузаранд.Таҳсил дар донишгоҳ яке аз лаҳзаҳои бехтарини ҳаёт ба шумор меравад. Дар тӯли 6 соли таҳсил дар ин макони илму маърифат ба комёбиҳои назаррас ноил гашта, дӯстони зиёде пайдо намудам.

Ранҷу заҳматҳои шабонарӯзии устодони мушфиқу сахтгирамон буд, ки имрӯз мо як зумра ҷавонони хуштолеъ аз ин даргоҳи муқаддас ҳамчун мутахассони ҷавони соҳаи тиб берун мешавем ва донишгоҳро бо дипломи «аъло» хатм менамоем. Панду насиҳатҳои падаронаи устодон ба таври абадӣ роҳнамои кору зиндагиамон хоҳанд гашт. Кӯшиш менамоем, ки ҳар кадоми онҳоро дар як гӯшаи қалби



пурҷӯши ҷавониамон ҷой дода, барои халқу ватани хеш хизмати софдилонаи худро дареғ надорем. Барои ин ба роҳбарияти донишгоҳ, хоса ректори муҳтарам, профессор М.Қ.Гулзода, декани факулта Ҷ.Қ.Муҳаббатов, ҳамаи устодоне, ки тӯли 6 сол ба мо сабақ омӯзондаанд, аз сидқи дил миннатдорӣ изҳор менамоям.

Дар хотимаи сухани худ ба донишҷӯёне, ки ҳанӯз дар нимароҳи касби ҳунар қарор доранд, гуфтаниям:

**Рӯй овар бар китобу**
**дониш аз он саҳл гир,**
**То ба дониш гардӣ**
**машҳури ҷаҳону дилпазир.**

**Одилҷон Сафаров ,**
**хатмкунандаи факултети тиббӣ**

## Солҳои донишҷӯӣ беҳтарин даврони ҳаёт аст



Рӯзе, ки аввалин қадамамро ба даргоҳи бароям азизу муқаддас- ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино гузоштам, ба зудӣ эҳсос намудам, ки дар як муҳити саршор аз илму ҳикмат қарор гирифтаам.

Дар муддати 6 соли таҳсил дар ин макони илму маърифат ба комёбиҳои зиёде ноил гашта, бо устодону омӯзгорони меҳрубон шиносоӣ пайдо намудам. Дастуру ҳидоятҳои ин шахсони бузург дар лаҳзаҳои мушкили даврони донишҷӯӣ роҳнамо ва кӯмакрасонам буданд.

Таҳсил дар донишгоҳро яке аз лаҳзаҳои беҳтарини ҳаётам меҳисобам, зеро маҳз дар ин макон паси мизи донишҷӯӣ ҳамроҳи дӯстону ҳамсабақонам даврони беҳтарини ҳаётам гузаштаасту хотираҳои зиёде дар дилам ҷой гирифтааст.

Акнун бошад барои мо ҳаёти ширини донишҷӯӣ ба охир мерасад. Ҳатто 6 соли таҳсил дар донишгоҳро ҳис накардам, ки чӣ гуна паси сар шуду хатмкунандаи он гаштам. Чуноне ки гуфтаанд «Ҳар оғозеро анҷомест». Ифтихор дорам, ки донишгоҳро бо сари баланд хатм намудам.

Аз фурсати муносиб истифода намуда барои дастгириҳои пайвастаашон ба ректори донишгоҳ муҳтарам Гулзода М.Қ., барои дастуру ҳидоятҳои бедареғашон ба устодони меҳрубон ва ба декани факулта Саидзода Б.И. миннатдории худро баён менамоям. Зеро маҳз дастгириву талошҳои эшон дар ҷавоби заҳматҳои 6 солаам боис гашт, ки ман дар баробари беҳтарин хатмкунандагони донишгоҳ ба гирифтани «Дипломи аъло» сазовор гаштам. Ин бароям ифтихори бузург ва масъулияти гарон аст.

Бигзор донишгоҳи азизам, ин даргоҳи пур аз илму ҳикмат ҳамеша пойдор бошад!

**Раҷабалӣ Шарифов,**
**хатмкунандаи факултети НТҶ**

## Процветай всегда, наш ТГМУ



Ну вот и закончились эти прекрасные мгновения студенческой жизни. Столько уже пройдено и столько ещё стоит пройти нам в будущем для достижения звания великой профессии – ВРАЧ. И словно как сейчас, мы помним наш первый день, когда мы в первый раз переступили порог этого университета, и сделали свой первый шаг на пути к своей самой заветной мечте. Словно как вчера мы разбирали, казалось бы, невероятно сложные для нас темы на занятиях по анатомии, физиологии, гистологии. Мы будем помнить те сложные дни, когда нам в первый раз пришлось заучивать эти непонятные для каждого рецепты препаратов, которые казалось выучить просто невозможно. И именно после этого мы точно можем сказать – НЕВОЗМОЖНОЕ ВОЗМОЖНО! – вы уж поверьте. Нам никогда не забыть наш первый заход на операцию, ведь именно в этот момент в сердце каждого из нас возникло настоящее чувство ответственности за человеческую жизнь. Мы всегда будем помнить, те весёлые мгновения на семинарских занятиях, шумные лекции, наставления преподавателей, бессонные ночи во время сессий, которые останутся в нашей памяти теплыми воспоминаниями. Мы благодарим судьбу за предоставленную возможность учится в таком месте как наш университет, который стал вторым домом для каждого из нас. Спасибо вам за все годы поддержки, за все те открытия в жизни, которые вы нам помогли сделать на протяжении нашего обучения здесь. Мы надеемся, что станем достойным поколением врачей, которыми будем гордится наша великая нация. И закончить свою речь хочу следующими строчками…

**Открытий сделаем не мало –**
**Чтоб медицина жизнь спасала.**
**Чтоб гордо встав на пьедестал**
**Университет наш процветал**
**Чтоб горды были за нас предки**
**Потомки берегли заметки**
**Науки продвиженья наши –**
**И продвигали их всё дальше.**
**Чтоб имя нашего университета**
**Достигло высшего авторитета.**
**Он самый лучший спору нет**
**Процветай всегда наш МЕД.**

**Тахмина Ясоева, выпускница мед.фак.**

# МЕҲРИ ПОКАТ КАРДАЕМ ДАР ДИДА ҶО.

## Дар донишгоҳ мо зебо дидану зебо зистанро омӯхтем



Ҳанӯз давраони мактабӣ орзуҳои ширини таҳсил дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино зиндагиямро гуворотар менамуд.

Хушбахтона орзуҳои кӯдакӣ ва навҷавониям ҷомаи амал пӯшиду ба ин донишгоҳи орзуҳо ва азизу муътабар сарбаландона дохил гардидам. Аз рӯзи аввали таҳсил вақте ки устодони дар симо табибони ҳозиқ ва ашрофонаро дидам, пеши худ мақсад гузоштам, ки аз ин шахсиятҳои барӯманд, зиёёни векей ва олимони асил пурра истифода бурда, бо дипломи аъло донишгоҳро хатм мекунам ва табиби комил мегардам.

Бояд гуфт, ки дар раванди таҳсил баъзе мушкилотҳо пайдо мешуданд, вале дастгирии ҳамешагии устодон он ҳама мушкилотро бартараф мекард. Мехоҳам як нуктаро дар мавриди таълимдиҳандагони ин даргоҳ сароҳатан иброз намоям. Ин устодон саропо дониш буда, вуҷудашон бо илму маърифат сиришта шудааст. Бинобар ин ҳам, дӯстони аз худ хурдсолтарамро, ки дар ин донишгоҳ таҳсил мекунанд, ҳамеша таъкид медорам, ки аз ин неъмати бебаҳои донишгоҳ бо мавриди истифода баранд.

Хушбахтона, аз рӯйи мақсади дар пеш гузоштаам донишгоҳро бо дипломи аъло хатм мекунам ва ин лаҳзаҳо боварам намешавад, ки ин боргоҳи бароям азизу муқаддасро падрӯд мегӯям. Ҳар гоҳ фикри тарки донишгоҳи азизам маро ранҷур медорад ва дар ин лаҳзаҳои интиҳои ҳаёти донишҷӯиям хотироти ширин ва гуворои он ҳар лаҳза маро ба худ мебарад.

Ҷойе хонда будам: "Мақсади асосии таълиму тарбия дар донишгоҳ ин ба таври хусусӣ фикр карда тавонистанро омӯзонидан ва идора кардани мақсадҳои касбии худ аст". Бешак гуфта метавонам, ки аз рӯйи ин талаботи байналмиллалии омӯзиш таҳсилро ба итмом расонида, касбамро то андозае фаро гирифтам.

Падрӯд даргоҳи хушбахтӣ, комёбӣ, шоистагӣ ва сарбаландиям, ки зиндагии зеборо бароям ҳадя карду зебо дидану зебо зистанро омӯхт.

Ба кулли устодону кормандон ва ҳатто фаррошу ҳавои донишгоҳ, ки бароям муқаддасу азизанд сипосгузории вижа ва беандозаи худро изҳор менамоям.

Ёди рӯзҳои ширини донишҷӯӣ, ёди устодони азизу муътабар, ёди ҳамкурсон ва дӯстони хубу гиромӣ, ёди лаҳзаҳои натакрори ҷавонӣ поянда бод!

**Ёқуб Тухсанбоев,**
**хатмкунандаи факултаи тиббӣ**

## ТГМУ очень многое нам дал



Думая о нашем университете, невольно вспоминаю слова Н. М. Карамзина : « В одном лишь просвещении найдем мы спасительное противоядие для всех бедствий человечества!» Наш университет очень многое нам дал. Пожалуй, все знания, полученные нами, - я уверена, - пригодятся в дальнейшем. Сегодня для нас заканчиваются чудесные студенческие годы. Учеба в ТГМУ ибн Сино остаётся одной из ярких страниц в нашей жизни. Будучи первокурсниками мы обещали, что будем активны в учёбе, науке, спорте и в общественной жизни университета и нам это удалось. И теперь, пройдя этот интересный и насыщенный путь студенческой жизни, мы хотим выразить всем нашим наставникам огромную благодарность за то, что они дали нам своё знание, поделились своим опытом, наставляя на прямой путь были суровы с нами но любили нас. Особую благодарность выражаем уважаемому нашему ректору ГулзодуМахмадшох Курбоналиевичу, и конечно же нашему декану МухаббатовуДжиёнхон Курбоновичу за поддержку наших инициатив и возможностей. Ваша профессиональность и преданность своему делу заставляют восхищаться вами и брать с вас пример. Сегодня я поздравляю и самых близких для нас людей - наших родителей. Вы всегда были с нами, дарили свою любовь, заботу и поддержку. Дорогие выпускники! Желаю каждому из вас найти себя в жизни, преоделевать все препятствие идти вперёд - к своей мечте.

**С уважением Азимджон Хомидов,**
**выпускника мед.факултета**

## Руҳи Синои бузург мададгори мост



Дониш барои инсон мояи фазлу камол буда, ӯро бузургдил мегардонад. Барои мо хатмкунандагони Донишгоҳи тиббӣ имрӯз иди ҳақиқист, зеро мо имрӯз пас аз ҳаёти донишҷӯӣ ба унвони баланду пурифтихори табибӣ сазовор гашта, ба ҳаёти касбӣ шуруъ менамоем.

Дар давоми таҳсил дар донишгоҳ мо бештар кӯшиш мекардем ба якдигар кӯмак расонем ва ҳамин тавр зинаҳои донишро бо дастгирии ҳамаҷонибаи дӯстону омӯзгорон пушти сар намудем. Орзӯи табиб шудан аз синни хурдсолӣ дар дили ман ҷой гирифта буд. Ман ки шаш сол қабл бо сад умеду орзу қадами аввалинро ба остонаи Донишгоҳи тиббӣ гузошта будам, имрӯз бо дипломи «аъло» онро хатм менамоям ва бо ризогии Худои бузург, дуои падару модари азизам, кӯшишҳои зиёди устодонам ба ин орзӯи деринаи худ расида истодаам ва барои ҳамаи ин шукрона мекунам.

Мо хатмкунандагон бо шукргузорӣ аз ин бахти баланд ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба мо ҷавонон чунин шароитҳо фароҳам овардаанд, ба ректори донишгоҳ, профессор Маҳмадшоҳ Гулзода ва тамоми омӯзгорони азизам, ки бо кумаку дастгирии хеш бузургтарин орзуи кӯдакии моро ҷомаи амал пӯшониданд, миннатдории хешро изҳор менамоем.

Илоҳо, руҳи Синои бузург дар ҷодаи касбу кор мададгорамон бошад.

**Рустам Халтачев,**
**хатмкунандаи факултети тиббӣ**

## Табибиро ҳосили орзуҳои тифлиам меҳисобам



Аҷаб давраест, айёми тифлӣ. Домони гарми модари ғамгусор, меҳру муҳаббати илоҳии соябони сар-падари бузургвор касро чӣ қадар ба оламу тахайюлотҳои ширину гуворо мебаранд, ки оқибат зиндагии мустақили инсон аз онҳо сарчашма мегирад. Ҳар он чи ки то имрӯз ба ман насиб гаштааст, ҳосили як пораи орзуҳоеанд, ки дар тифлиам домангирам гаштаанду бо кӯмаки волидон ва саъю кӯшишҳои пай дар пайи худ ба онҳо ноил гаштам. Меҳри табиб шудан маро аз хурдсолӣ дар дил буд, аз он рузе, ки худро мешиносам, аз он рӯзе, ки гуфтаҳои падарамро дар хотир дорам, аз он рӯзе, ки хурд будаму бо ҳамсинфонам дар кӯчаву паскӯча нақши табибу бемор ва нақши милисаву гунаҳкорро мебозидем, аз он рӯзе, ки табиби оилавӣ ба хонаамон меомаду ман аз биму тарсу ҳарос ба кунҷе пинҳон мешудам.

Оре, рӯзҳо мегузаштанд, дақиқаҳо пайи ҳам маро падруд мегуфтанд, солиёнҳо тиҳӣ мешуданду ман рӯз то рӯз бузург мешудаму гуфтаҳои падари бузургворам «духтарам бисёр хон ҷустуҷӯ кун, шаҳзодаи номи худу касби худ шав, ман туро ба ҳамин хотир Шаҳзода ном ниҳодам, ки бузург шавиву номбардори халқу диёри хеш бошӣ» меҳри маро нисбат ба оянда дурахшон, фузун мегардонид. Ва инак, ман ҳамон Шаҳзодаам, ки ин даргоҳи муқаддасро хатм намудам, барои поси суханҳои падару модар, барои поси орзуву умедҳои ширини кӯдакӣ. Дигар ман аз табибон наметарсам, ман Шумо, устодонамро дӯст медорам, зеро ин шумо будед, ки маро тайи 6-сол дӯст доштеду нозукиҳои табибиро омӯзондед. Ҳеҷ гоҳ фаромӯшатон нахоҳам кард, устодони азиз.

Медонам, ки табиби арзандаи халқ будан кори сахл нест ва ман ваъда медиҳам, ки давомдиҳандаи кору пайкори устодони хеш гашта, ҳамаи нозукиҳои касби хешро омӯхта, ба қуллаҳои баланд то ба дараҷаи табиби моҳиру соҳибтаҷриба ба камол расида, бахри солимии ҷомеа ва миллатамон хидмат намоям. Сатрҳои миннатдориамро мехоҳам бо чунин мисраъҳо ба итмом расонам.

Мо дар ҳама ҷода пеш ҳастем, бас аст,
Дар ҳавсала низ беш ҳастем,бас аст.
Дар гардани мо адои қарзи Ватан аст,
Фарзанди замони хеш ҳастем,бас аст.

**Шаҳзода Идиева,**
**хатмкунандаи факуултаи тиббӣ**

## Таджикистан стал для меня второй Родиной



Я, Хаитов Азизхан из Российской Федерации, выпускник фармацевтического факультета ТГМУ им. Абуали ибн Сино. За время учебы в этом университете у меня остались самые теплые воспоминания- это первое знакомство с городом Душанбе, с однокурсниками, преподавателями, изучение таджикского языка и культуры. Все преподаватели относились ко мне наилучшим образом, поддерживали меня как иностранного студента, обучение проводили на высоком профессиональном уровне. С однокурсниками мы стали братьями и мне очень тяжело расставаться с ними после стольких лет обучения. Таджикистан стал для меня второй Родиной, вторым домом. Жаль,что время назад не вернешь, а как хотелось бы начать все сначала. Не зря говорят: студенчество– это золотые годы.

**Азизхон Хаитов,**
**выпускник фарм. фак**

# НОВОСТИ МЕДИЦИНЫ

## Популярность ЭКО грозит настоящей эпидемией бесплодия



Широкое распространение вспомогательных технологий, гарантирующих оплодотворение, может изменить эволюцию человеческого вида. С таким заявлением выступил доктор Ганс Ханевик, возглавляющий отделение фертильности норвежской Больницы Телемарк. По его словам, передает The Daily Mail, ЭКО приводит к тому, что люди становятся зависимы от технологий. Без посторонней помощи в будущем они не смогут зачинать детей.

В норме дефектные гены, которые не дают людям становиться родителями, умирают с носителем. Но, так как репродуктивные технологии обходят все преграды, эти гены передаются последующим поколениям. И последующие поколения, соответственно, тоже не смогут иметь детей. Таким образом, дефект может распространиться на все человечество, вызвав эпидемию бесплодия.

Защитники репродуктивных технологий категорически не согласны с Ханевиком. В качестве примера они приводят случаи, когда зачатие невозможно из-за блокады фаллопиевых труб. А эта блокада вызвана аппендицитом. У мужчин проблемы нередко возникают вследствие неопустившихся яичек или вазэктомии. И медицина позволяет преодолеть трудности, которые, по сути, не относятся к качеству спермы или яйцеклетки.

## Медики запрещают чистить уши ватными палочками



Как передает The Daily Mail, эксперты ссылаются на случай, произошедший с 31-летним мужчиной. Он попал в больницу с приступами, напоминающими эпилептические, сильными головными болями, потерей памяти и обмороком. Сканирование мозга выявило: в оболочке мозга было два абсцесса.

Причиной послужила часть ватной палочки, застрявшая глубоко в ухе. Ватная палочка вызывала некротический наружный отит - бактериальную инфекцию, начинающуюся в ушном канале, потом переходящую на череп и буквально прогрызающую кость. Также могут пострадать лицевые нервы. Эта проблема особенно актуальна для пожилых людей и диабетиков.

Помимо инфекций, предупреждают врачи, использование ушных палочек грозит образованием серных пробок, появлением звона в ушах и разрывами барабанных перепонок. Нужно помнить: ушная сера действует как фильтр, улавливающий в ухе грязь и пыль. Она также отталкивает воду, смазывает нежную выстилку ушного канала и убивает бактерии за счет своей кислой среды.

В большинстве случаев ушные палочки не удаляют серу, а лишь проталкивают ее дальше по каналу. Там сера скапливается, твердеет и образует пробку. Также возможны чисто механические повреждения, грозящие потерей слуха. В норме ушная сера сама покидает ушной канал, но с возрастом удаление происходит менее эффективно и, возможно, потребуется очистка ушного канала у ЛОРа. О том, что пора посетить врача, говорит ощущение заполненности уха, звон или треск.

## Новый робот-хирург может самостоятельно оперировать сердце



Сотрудники Бостонского детского госпиталя представили систему с автономным катетером, который самостоятельно располагается в теле, сводя вероятность врачебной и технической ошибки на нет. Как отмечает The Daily Mail, систему навигации уже успешно опробовали на свиньях (точность такая же, как если бы операцию проводил человек).

В перспективе благодаря данной системе можно будет проводить большинство операций без участия человека. На сегодняшний день роботы-хирурги не отличаются высокой точностью. В одних только Штатах роботы связаны минимум с 144 смертями. Новая роботизированная система отличается тем, что постоянно отслеживает происходящее. Робот в прямом смысле видит благодаря камере и сенсорам (действуют подобно усикам у насекомых).

Сенсорная информация об окружающей среде собирается в режиме реального времени и сравнивается с базой изображений (их сохранили после других аналогичных операций). Это помогает роботу правильно распознать свое местоположение.

## Сигареты без фильтра - наиболее опасный тип сигарет



Университет Южной Каролины выяснил, какой тип курения наносит самый большой вред организму. Как отмечает «Российская газета», сигареты без фильтра и самокрутки были признаны наиболее опасными. Они повышали риск смерти вследствие рака легких почти в два раза.

Согласно статистике, 90% случаев рака легких связаны с курением. Риск заболевания повышают все сигареты вне зависимости от наличия или отсутствия фильтра, тяжести и добавления в них ментола. Врачи подчеркивают: ультралегкие сигареты не безопаснее остальных.

В рамках последнего исследования американские ученые проанализировали данные более 14000 человек 55-74 лет, куривших на протяжении минимум 30 лет. Оказалось, риск развития рака у людей, куривших сигареты без фильтра, был на 40% выше, чем у остальных.

В свою очередь, риск преждевременной смерти от любого заболевания подскакивал на 30%. У любителей сигарет без фильтра никотиновая зависимость была выражена сильнее в виду более высокого содержания смол в табачном дыме.

## Черника признана одним из самых полезных продуктов в мире



Уникальное, с точки зрения пользы для сердечно-сосудистой системы и всего организма в целом, средство обнаружили ученые из Словакии, Португалии и Польши. Как отмечает «Российская газета», черника при регулярном потреблении способна снизить риск развития различных заболеваний, доказал эксперимент.

В нем приняли участие несколько десятков добровольцев, которые в течение шести недель потребляли чернику. Каждый получал по 150 граммов черники три раза в неделю. Как показали обследования, благодаря ягоде у добровольцев снизился уровень вредного холестерина, сахара, альбумина (показывает состояние печени) и глутамилтрансферазы (также входит в печеночный профиль).

Исследование показало: из-за лучевой терапии число раковых клеток уменьшилось на 20%, а благодаря экстракту черники - на 25%. Однако действеннее всего оказалось сочетание лучевой терапии и экстракта черники. Оно уничтожило около 70% раковых клеток. По словам ученых, черника является радиосенсибилизатором. Она делает раковые клетки чувствительнее к лучевой терапии.

## Причиной инсульта, в особенности у мужчин, может быть несчастливый брак



Сотрудники Тель-Авивского университета сделали этот вывод по итогам исследования 10000 добровольцев. Как отмечает «Вечерняя Москва», среди мужчин, которые были не довольны своим браком, риск инсульта был повышен на 64%. В свою очередь, врач-психиатр Александр Федорович объясняет это тем, что жизнь в несчастном браке вызывает постоянный стресс. От этого страдают нервная и эндокринная системы. Но проблемы в отношениях опасны и для женщин.

«Стрессы провоцируют хронические соматические заболевания и становятся причиной возникновения новых недугов. И наиболее распространенные - эрозия желудка, язвенная болезнь и гипертония. Для женщин стрессы также опасны гормональным сбоем, разрушением фолликулостимулирующего гормона. Нарушается менструальный цикл и развивается полифолликулез яичников», - комментирует Федорович.

А психотерапевт Ирина Поташова добавляют сюда эзофагоспазм - спазм пищевода. На фоне нервного напряжения у человека возникают трудности с глотанием пищи или наблюдается полный отказ от пищи. Эксперт также говорит о развитии миомы матки вследствие стресса, причиной которого может быть неудовлетворенность браком.

*Бахшида ба рӯзи химикон*

# ЧАРО ОБ НАМЕСӮЗАД?

«Химия ба корҳои инсон дасти ёрӣ дароз мекунад» ...М.В. Ломоносов.



Бо қарори Президиуми Совети Олии СССР аз 1-октябри соли 1980 ҳамасола якшанбеи охири моҳи май ҳамчун рӯзи химикон таҷлил карда мешавад. Баъди пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам ин анъана то имрӯз боқӣ мондааст. Ин як иди касбист, ки хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо донишҷӯёни факултети химия, омӯзгорон, олимони соҳаи химия ва кормандони саноати химия муттаҳид мегардонад. Ин ҷашн барои Тоҷикистони азизи мо низ муқаддас аст, чунки дар инкишофи илми химия нақши муттафакирони тоҷик хеле назаррас аст. Яке аз хизматҳои асосии Абӯалӣ ибни Сино дар илми химия ин истифодаи моддаҳои химиявӣ дар тайёр намудани маводи доруворӣ мебошад. А.И. Сино ба химия аз мавқеи тиб наздик шудааст. Ӯро кашшофи карболен (хосияти адсорбсионии ангишт) ҳисоб кардан мумкин аст, зеро нобиғаи илму ҳикмат дар асарҳояш хосияти ҷаббандагӣ доштани ангишти чӯбро нишон дода буд. Умуман химия илми қадима буда, дар айни замон хеле ҷавон аст. Одам аз замонҳои қадим дар чармгарӣ, рангубори газвор, истеҳсоли шиша ва ғайра аз химия истифода мебурд. Дар байни ҳамаи фанҳои дақиқ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзонида мешаванд, ягона фане, ки номаш аз забони тоҷикӣ гирифта шудааст ин химия мебошад. Яъне кимиё (ҷӯстуҷӯ ё кофтукоб). Хусусан, дар асри бистум химия ҳамчун илм бо суръати баланд тараққӣ кард ва имрӯз вай дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ роҳ ёфтааст. Химия дар соҳаи тандурустӣ ҳам сол аз сол мавқеи муҳимтарро ишғол мекунад. Ҳоло бисёр доруҳои шифобахшро саноати химия мебарорад. Чуноне ки нависандаи бузурги рус Максим Горкий гуфтааст "Химия барои инсоният табиати дуюмро офарид». Ҳамаи он маводҳое, ки дар табиат вуҷуд надоранд, химия онҳоро бо роҳҳои сунъӣ ва синтезӣ ҳосил карда пешкаши инсоният гардонидааст. Мо дар ҳаёти худ бо маводҳои доруворӣ, иловаҳои ғизоӣ ва молҳои хизмати маишӣ (маводи шӯянда, маводи мубориза ба муқобили ҳашаротҳо вағайра) сару кор дорем. Новобаста аз он ки ин ашёҳо ба талаботи рӯзмарраи мо табдил ёфтаанд, ҳангом истифода аз онҳо бисёр эҳтиёт шудан лозим аст, зеро ҳатто моддаи химиявии муфид дар натиҷаи истифодаи нодуруст ба саломатии инсон зарар оварданаш мумкин аст. Масалан, то вақтҳои охир аналгин чун доруи дардпасткунандае, ки ба тавсияи духтур эхтиёҷ надошт, мавриди истифода буд. Вале дар даҳсолаи охир чунин таъсирҳои манфии аналгин ба организм, ба монанди пахш намудани тавлиди хун, вайрон шудани функсияҳои гурда ва ҷигар ошкор карда шуданд. Ҳангоми қабули беназорати аналгин ба вуҷудоии аксуламали аллергӣ, аз он ҷумла бо натиҷаи марговар ба мушоҳида расидааст. Аз ҳамин сабаб аналгинро дар зери назорати духтурон қабул кардан лозим аст. Парасетамол ба сифати доруи ҳарорат ва дардпасткунанда васеъ истифода бурда мешавад. Вале бояд дар хотир нигоҳдошт, ки онро ба кӯдакони то 6- сола ва ба беморони гурдаашон касал тавсия додан мумкин нест. Гурӯҳи доруворҳои дигар, ки бисёр маъмул гардидаанд, антибиотикҳо мебошанд. Онҳо фаъолияти микроорганизмҳоро пахш мекунанд. Антибиотики аввалинро олимони англис Х.Флор ва Ч.Чейн дар соли 1940 аз маҳсули фаъолияти ҳаётии як намуди занбурӯғи сабзи Флеминг ҳосил карда буданд. Азбаски микроорганизмҳо ба таъсири антибиотикҳо тез тобовар мешаванд, зарурати пайдо намудани антибиотикҳои нав вазифаи муҳим гардид. Айни замон антибиотикҳои насли чорум ва панҷум истифода бурда мешаванд. Дар замони ҳозира аз антибиотикҳои наслиякум (бензилпенитсиллин, стрептомитсин, тетрасиклин, левомитсетин) истифода бурдан ба мақсад мувофиқ нест. Полимерҳои синтетикӣ дар замони ҳозира барои тайёр кардани асбобу анҷоми тиббӣ, барои нигоҳдории доруҳо ва ғайра васеъ истифода бурда мешаванд. Хусусан, истифодаи онҳо дар кори ҷарроҳӣ ғалабаи нави инсон ба табиат аст. Пардаҳои полимерӣ пардаи зардиидаи гӯш, сурхрудa, зуҷоҷияи чашм ва ғайраро иваз мекунад, аз онҳо инчунин, дандонҳои сунъӣ месозанд. Ҳоло аз полимерҳо «дили сунъӣ», «гурдаи сунъӣ», «шуши сунъӣ», «хуни сунъӣ» ҳосил карда имконият пайдо шудааст, ки ҷои буридаи бофтаҳои зиндаро надӯхта, балки ба ҳам часпонанд. Химикони љопон ширеше ихтироъ кардаанд, ки барои часпондани узвҳои дарунӣ истифода бурда мешаванд. Ин ширеш барои часпонидани устухони шикаста воситаи хуб аст. Умуман, соҳаҳои истифодаи полимерҳо дар тиб хеле зиёданд. Ба ҳама маълум аст, ки чарми табиӣ асосан аз пӯсти ҳайвонот тайёр карда мешавад. Азбаски вай ковок ва мулоим аст аз он пойафзол тайёр мекунанд. Пойафзоле, ки аз пӯсти табиӣ дӯхта мешавад, чандиру қайиш буда то панҷ миллион чин доранд. Аз ҳамин сабаб қатъ шавад ҳам намешиканад. Аммо пӯсти табиӣ камбудӣ низ дорад: масалан, вай намиро ба худ мекашад ва мепӯсад. Ғайр аз ин, барои ба даст овардани он ҷорвои зиёд талаф меёбад. Ҳоло саноати химия истеҳсоли навъҳои гуногуни чарми сунъиро ба роҳ мондааст. Академик Ферсман А.Е. навишта буд»: мову шумо дар замони комёбиҳои бузурги химия зиндагӣ мекунем... Илм, истеҳсолот ва рӯзгори мардуми ҷаҳон бо химия пурра омезиш ёфта истодааст. Вай ба майдатарин ҷузъҳои зиндагии мо, ба мураккабтарин ҷараёнҳои саноат роҳ меёбад».

Солҳои охир як теъдод моддаҳои химиявӣ ба сифати иловаҳои ғизоӣ истифода бурда мешаванд, ки онҳо масса ва ранги ғизоро беҳтар ва муҳлати истифодаи онро дарозтар мекунанд. Имрӯз бозори ватанӣ бо маҳсулоти ғизоии хориҷӣ пур карда шудааст. Ин маводҳои ғизоӣ дорои иловаҳои ғизоии гуногун мебошанд, ки на ҳамаи онҳо дорои сифатҳои зарурӣ ва безараранд.

Дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ, кишоварзӣ ва маишии инсон солҳои охир ифлосшавии муҳити зист ба вуҷуд омада истодааст. Химикон дар тадқиқи таъсири зараровари ин омилҳо ба табиат, инчунин барои кам шудани ифлосшавии атмосфера, тоза намудани дудҳои хориҷшаванда, пешгирии ифлосшавии антропогенӣ тадқиқотҳо бурда истодаанд.

Дилхоҳ хатмкардаи мактаби миёна формулаи обро медонад. Аммо барои чӣ об намесӯзад? Барои ҳама шавқовар аст. Об маҳсули сӯзиши ду газ яъне гидрогену оксиген аст.

$2H_2 + O_2 = 2H_2O$

Гидроген сӯхта обро ҳосил кардааст. Аз ҳамин сабаб об дигар қобили сӯзиш нест. Соли 2019 барои тамоми химикони дунё соли таърихӣ ба ҳисоб меравад, чунки имсол 185 солагии Д.И.Менделеев ва 150 солагии қонуни даврӣ ва системаи даврӣ таълил мегардад.

**Рустам Қиматов,**
**директори МОҚ,**
**н.и.х., дотсент**

# Лоиқ набувад бадӣ хирадмандонро...

Имрӯз Тоҷикистони азизи мо аз ҷиҳати ободӣ ва баланд рафтани сатҳи зиндагии мардум ба муваффақиятҳои назаррас ноил гаштааст, ки ин боиси озурдахотирии ашхоси ғаразҳои сиёсидошта гаштааст. Таърих худ гувоҳ аст, ки дар гузаштаи начандон дур ба чӣ аҳвол гирифтор будем ва имрӯз чӣ гуна зиндагӣ дорем ва ба сабаби расидан ба ин рӯзҳои хушбахтии миллати тоҷик дар чист. Шахсе ки имрӯз донишманд ё хирадманд бошад оё виҷдонаш ӯро мегузорад, ки бар миллат ё давлати худ тухматҳои ноҷоро раво дида, боиси озурдахотирии мардуми хеш гардад. Мардуми тоҷик тули даҳсолаҳои истиқлолият бо ин гуна ашхос борҳо рӯ ба рӯ шудааст ва хуб медонад, ки ин ашхос нодонон ё гумроҳшудагонанд:

*Чун ҷомаи чармин бувад*
*суҳбати нодон,*
*Зеро ки гарон бошаду*
*тан гарм надорад!*

Имрӯз дар Тоҷикистон тамоми масҷидҳо фаъолият доранд, ки дар он ҷо мусулмонон ба тоату ибодат машғуланд ва аз тарафи давлат амнияти эшон таъмин мегардад. Мо имрӯз тарики расонаҳои хабарӣ мебинем, ки дар давлатҳои мутараққӣ чӣ гуна мусулмонон аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ дар масҷидҳо ба ҳалокат мерасанд. Дар давлати тоҷикон ислом ба ҳизб ниёз надорад, баръакс аз ҷониби ин ҳизбу ҳаракатҳо осеб мебинад.

Сулҳ ва ваҳдати миллии тоҷикон бо қиммати гароне ба даст омадааст ва ҳеҷ гоҳ мардуми тоҷик дигарбора намегузорад, ки нохалафе раванди ин сулҳу ваҳдатро халалдор намояд.

Тоҷикистон давлати дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва демократӣ буда, мардумаш бо Пешвои арзандаи хеш ифтихор дорад ва ҳамеша дар талоши ободӣ, пешрафт ва тараққиёт аст ва дар лаҳзаҳои лозимӣ барои дифоаш ҳамеша омода аст.

**З. Турсунова -**
**мутахассиси шуъбаи**
**иттилоот ва нашрия**

# "Оилаи солим - асоси давлат"




*17 май аз ҷониби Шӯрои бонувони донишгоҳ дар толори бинои 6-и Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо донишҷӯдухтарони курси 5-уми факултети тиббӣ бахшида ба Рӯзи оила мизи мудаввар дар мавзӯи "Оилаи солим - асоси давлат" гузаронида шуд.*

Раиси Шӯрои бонувон Ҳоҷиева Гулнора Бобоевна дар баромади худ қайд намуд, ки оила яке аз арзишҳои муҳимтарини ҷомеаи инсонӣ маҳсуб меёбад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташаккули оилаи солим ва нақши оила дар пешрафти давлат ва тарбияи насли наврас мунтазам аҳамияти хоса зоҳир карда, иброз намудаанд, ки "... оила ҳамчун падидаи иҷтимоиву ҳуқуқӣ маҳаки асосии ҷамъиятро ташкил дода, дар сатҳи Конститутсияи кишвар барои ҳифзи он ва таҳти ғамхории махсуси давлат фаро гирифтани модару кӯдак аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд".

Аъзои Шӯрои бонувон Каримова Фарёна, Куддусова Фарзона, Абдулазизова Парвона, ки дар конференсияи илмӣ-назариявии "Таҳкими масъалаҳои оиладорӣ дар замони ҷаҳонишавӣ" иштирок карда буданд, таассуроти худро дар маърӯзаҳояшон қайд намуданд.

**Шӯрои бонувон**

# ДӮСТДОРИИ ВАТАН ГӮШАЕ АЗ ИМОН АСТ

***Мо ҳама дар назди халқу Ватан вазифадор ҳастем, ки сулҳи пойдор ва тамомияти арзиву якпорчагии Тоҷикистони азизро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем. Зеро хизмат кардан ба Ватан шарафи бузург ва қарзи шаҳрвандии ҷавонони бонангу номуси миллат аст.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Инсон бидуни садоқат ба ватан дохили пазироии дигар анвои меҳру муҳаббат буда наметавонад. Меҳри Ватанро аҳли маърифат бо меҳри модар дар як радиф гузоштаанд. Модар инсонро ба олам оварда, тарбия мекунад ва ба муҳити оила ҷалб намуда рӯҳия ва камолоти



инсонро парвариш дода, арзишҳои волои инсонро бар он зам менамояд. Ҳар инсон, хусусан ҷавонон бояд барои дӯст доштани Ватан корҳои неку аъмоли баҳри ҷомеа манфиатбахшро анҷом диҳанд.

Фаромӯш набояд кард, ки ҳар фард дар назди Ватан баробари доштани ҳуқуқ ва озодиҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулияти бузурге ҳам дорад. Яке аз ҳикматҳои ибратомӯзи дини мубини ислом чунин аст; “Дӯст доштани Ватан аз имон аст”

Инсони некбахт на танҳо ватанашро дӯст медорад, балки барои ободонӣ ва аз фитнаҳо нигоҳ доштани он саъю талош намуда, бо душманони он мубориза мебарад. Паёмбари Худо (с) мефармоянд: “Ду чашм ҳаргиз дар оташи дӯзах намесӯзад, яке аз тарси Худованд гиря мекунад ва дигаре дар роҳи дӯст доштани Ватан миҷа таҳ накарда, хизмат мекунад”. Ватандӯсти асил ҳамеша ватани азизи худро дӯст медорад ва агар лозим шавад, барои ҳифзаш ҷони худро дареғ намедорад.

Моро зарур аст, ки ба қадри меҳнату заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо хиради волояшон дар кишвари мо сулҳу суботро таъмин намудаанд, бирасем. Ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, фирефтаи гурӯҳҳои фитнаҷӯву иғвоангез нагардем.

Ташаккули маърифати сиёсӣ моро водор месозад, ки ба ҳар як падидаву ҳаводисе, ки дар кишварамон ва тамоми кишварҳову минтакаҳои мухталифи одам ба вуқуъ меоянд, баҳои воқеъбинона дода, мавқеъи худ ва кишвари худро дар онҳо дақиқ муайян намоем. Ифтихори миллӣ дар қалби ҳар як ҷавони бо ору номус, ҳар қавм ва миллат, маҳз ба воситаи хуб донистани таърих ҷой мегирад. Имрӯз мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихии хеш беш аз пеш ниёз доранд.

Дар ҷавоби ғамхориҳо мо ҷавонони мамлакат, махсусан донишҷӯён кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки рисолати ҳақиқии худро дар ҷодаи илм шиносем ва дар самти ба роҳ гузоштани фишангҳои собиткунанда баҳри Ватани азизи худ саъю кӯшиш намоем.



**Саъдуддин Ёров, донишҷӯи курси 3, гурӯҳи 1 фак. стоматологӣ**

*Навигариҳои илм*

## Ҷигари тоза хоҳед, зардолу истеъмол намоед



Мутахассисон маҳсулоти аз ҳама фоиданок барои тоза намудани ҷигар зардолуро меҳисобанд. Ба ақидаи табибон пектин, ки ин маҳсулоти мевагӣ дар таркиби худ дорад, ҷисмро ёрӣ медиҳад, ки аз боқимондаи сафедаҳои ҳалнашуда (дажғолҳо) ва дигар заҳрҳо тоза шавад.

Зардолу мисли себ пектини зиёд дорад ва ин модда холестеринро алоқаманд намуда аз ҷисм берун менамояд. Ғайр аз ин, пектин қобилияте дорад, ки ионҳои металҳои вазнин, пеститсидҳо ва дигар моддаҳои ба ҷисм зарароварро пайваст намояд ва бо ин роҳ онҳоро аз ҷисм берун барорад.

Ранги равшан аз миқдори зиёди витамини А гувоҳӣ медиҳад, ки барои тозакунии ҷигар зарур мебошад. Бо ин мақсад мумкин аст аз сабзӣ, зардолу, лаблабӯ ва меваҳои ситрусӣ мувофиқи меъёр истифода бурд, зеро истифодаи аз ҳад зиёд ҳам миқдори кислотаҳоро зиёд намуда, меъдаро ба таҳрик меорад. - мегӯяд таҳқиқотчӣ Татьяна Чарушина. Ба ақидаи ӯ кадӯ ҳам барои беҳтар намудани фаъолияти ҷигар ёрии калон мерасонад ва онро ҳамчун илова ба хӯрокиҳои серравғани гӯштӣ истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамчунин, барои кори дурусти ҷигар кабудиҳо ва себ ёрии калон мерасонад. Зимистон, вақте ки дарёфти зардолуи тару тоза мушкил мегардад, истифоди қоқи ин мева (ғулинг) ба мақсад мувофиқ мебошад. Баъзе мутахассисон бар ин ақидаанд, ки қоқи зардолу хавфи гирифторшавӣ ба саратони ҷигарро пешгирӣ менамояд.

## Помидор воситаи пешгирии инфаркт ва инсулт эътироф шуд

Шираи помидор аз рӯи мушоҳидаи роҳбаладони ҳавопаймоҳо ҳангоми сафари ҳавоӣ нисбат ба дигар маҳсулотҳои ғизоӣ тезтар тамом мешавад. Коршиносон муайян намуданд, ки маззаи ин маҳсулот дар баландӣ тағйир меёбад ва нисбатан хушхӯр ва табъи дил мегардад. Дар замин бошад шарбати помидор чандон «мухлис» надорад, ки ин беҳуда аст. Таҳқиқотҳои нави олимон муайян намудааст, ки истифодаи пайвастаи ин маҳсулот хавфи инкишофи бемориҳои дилу рагҳоро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Олимони Донишгоҳи Комплутенсеи Испания баъди таҳлили 48 таҳиқоти илмӣ ба чунин хулоса расидаанд.



Аз рӯи маълумотҳои Федератсияи умумиҷаҳонии қалб (WHF), ғизои бо таркиби баланди мевагиҳо ва сабзавот хатари сар задани бемориҳои дилу рагҳоро хеле паст мекунад. Яке аз унсурҳои асосии ҳар як хӯрокии парҳезии сабзавотӣ ин помидор мебошад. Пайвастагиҳои фаъоли биологие, ки дар таркиби он ҷой доранд, ба механизмҳои гуногуни физиологии ҷисми инсон, аз ҷумла фаъолнокии ҳуҷайравӣ таъсир мерасонанд. Аз рӯи ақидаи олимони испанӣ помидор ва маҳсулотҳое, ки аз он тайёр карда мешаванд, хусусияти антиагрегатсионӣ дошта, пеши роҳи ташаккулёбии тромбаҳоро мегиранд. Муаллифон фоидаи мусбии тиббии ин маҳсулотро дар мавҷудияти чунин моддаҳо, ба мисли ликопин ва витамини Е дар таркиби помидор меҳисобанд. Ликопин —антиоксиданти пурқувватест, ки ба пастшавии сатҳи холестерин дар хун ва беҳтаршавии умумии гардиши хун, инчунин паст намудани хавфи сар задании атеросклероз мусоидат менамояд.

Инчунин, аз рӯи маълумотҳои таҳқиқотчиёни рус 100 г шираи помидор дар таркиби худ ба ҳисоби миёна 220 мг калий, 11 мг магний ва 20 мг фосфор дорад.

## Хоб масуниятро мустаҳкам ва рӯҳафтодагиро пешгирӣ менамояд



Тадқиқотҳо собит намудаанд, ки хоб тавассути ба муқобили сироятҳо фаъол намудани лейкоситҳо масуниятро мустаҳкам менамояд. Хоб самаранокии кори Т-ҳуҷайраҳо ва аксуламали онҳо ба ҳар гуна таҳдидҳоро зиёд мекунад, - мегӯяд намояндаи Донишгоҳи Тюбенгени Германия Лючиана Беседовски.

Вақте ки одам болидаруҳ мегардад, дар организми вай гормонҳои ҳаяҷон ба монанди адреналин бештар пайдо мешаванд, ки кори системаи иммуниро суст мегардонанд. Ҳамаи ҷондорҳо ду авъи сигналҳоро дар худ доранд-як гурӯҳ ҷисмро маҷбур месозанд, ки хоб кунад ва гурӯҳи дигар садди роҳи ин мегарданд.

Маҳз онҳо калавиши табииро ба вуҷуд меоранд ва одам рӯзона болидаруҳ мешаваду шабона хоб меравад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки одамони мушкилоти хобдошта дар ниҳояти кор ба сусташавии системаи иммунӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин хатари пайдоиши ҳаяҷони музмин ва рӯҳафтодагиро ба вуҷуд меорад.

Аз рӯи ақидаи коршиносон ин равандҳо дар навбати худ метавонанд сабаби пайдоиши ҳар гуна бемориҳо, то бемории саратон гарданд.

**Таҳияи Одина Талабов, дорушинос**

*Даҳсолаи нави байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028*

# Об – сарчашмаи ҳалли мушкилот



Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, 2018-2028» боз як марҳалаи муҳим дар раванди муттаҳид гардонидани талошҳои дастаҷамъонаи кишварҳои дунё баҳри расидан ба ҳадафҳои рушди устувор вобаста ба об ҳоҳад шуд.

Маҳз бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои беҳтар намудани сифати оби ошомиданӣ, самаранокии истифодаи захираҳои об ва ба роҳ мондани мудирияти ҳамгироёнаи онҳо, ҳамчунин ҳифзи низоми экологии об ва дигар масъалаҳои марбут ба об имрӯз ба рӯзномаи нави ҷаҳонии рушд ворид гардидаанд, ки ин худ яке аз дастовардҳои муҳимми талошҳои муштараки чанд соли охири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Мутаассифона, хавфи сар задани бӯҳронҳои обӣ бинобар афзоиши шумораи аҳолии сайёраи замин ва коҳиш ёфтани захираҳои об тамоюли афзоишро касб карда метавонад. Олимон тахмин менамоянд, ки то охири даҳсолаи ҷорӣ ҳудуди ду миллиард аҳолии кураи Замин ба мушкили камбуди мутлақи об дучор хоҳад гардид. Аз ин рӯ, дар шароити ниёзмандии рӯзафзуни ҷаҳонӣ ба об ҳамкориву шарикии созандаи кишварҳо дар ин самт тақозои замон аст.

Боиси қайд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи охир масъалаҳои вобаста ба обро дар чорчӯби рӯзномаи глобалӣ фаъолона пеш мебарад. Бо ташаббуси Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои дигар Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид Соли байналмилалии оби ошомиданӣ (2003), Даҳсолаи байналмилалии амалҳо "Об барои ҳаёт" (2005-2015) ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи обро (2013) эълон кард.

Чорабиниҳои глобалии мазкур дар тақвими фаҳму дарки аҳамияти об чи барои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳифзи экологӣ ва чи дар таъмини сулҳу субот ва рушд саҳми шоёни худро гузоштанд.

Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Эмомалӣ Раҳмон талошҳои худро дар ин ҷода бо мақсади тақвияти пешравиҳои бадастомада ва дастёбӣ ба натиҷаҳои нав идома медиҳад. Аз ин лиҳоз Даҳсолаи байналмилалии нав таҳти унвони "Об барои рушди устувор" эълон карда шуд. Сарвари давлат бо боварии комил изҳор доштанд, ки «ин ташаббус заминаи мусоидро барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор оид ба об фароҳам оварда, ба таҳкими нақши об дар раванди ноил гаштан ба дигар ҳадафу мақсадҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда мусоидат хоҳад намуд». Тоҷикистон мавзӯи марбут ба обро ҳамчунин дар чорчӯбаи Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об, ки бо ибтикори Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва Президенти Бонки Умумиҷаҳонӣ таъсис ёфтааст, пеш мебарад. Сентябри соли 2016 Панели мазкур Нақшаи амалҳоро қабул намуд, ки яке аз санадҳои дастурии муҳим дар ҷодаи ҳалли масъалаҳои вобаста ба об дар ҳамаи сатҳҳо ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки Тоҷикистон захираҳои бузурги обро дар тейдоди зиёди пиряху дарёҳо, кӯлҳо ва шабакаҳои обии зеризаминӣ доро аст. Дар қаламрави кишвари мо зиёда аз 60 фоизи захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул меёбад.

Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои вобаста ба об талошҳои пайваста меварзад. Танҳо дар даҳ соли охир ин соҳаи ҳаётан муҳим дар ҳудуди як миллиарду ҳафтсад миллион доллари амрикой маблағгузорӣ карда шуд. Сарфи назар аз ин, Тоҷикистон дар бахшҳои фаръии вобаста ба об ҳоло ҳам рӯ ба рӯи мушкилот қарор дорад. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, бо зерсохтори фарсудашуда, имкониятҳои маҳдуди молиявӣ ва норасоии иқтидорҳои техникӣ вобастагӣ дорад. Тайи даҳсолаи охир ҳолати таъминоти зиёда аз якуним миллион аҳолӣ бо оби ошомиданӣ беҳтар гардонида шуд. Ҳамзамон, як қисмати аҳолӣ, бахусус дар деҳот, ҳоло ҳам ба шароити беҳтар дар арсаи беҳдошт ва дастрасӣ ба манбаъҳои тозаи оби нӯшокӣ ниёзманд аст.

Ҳарчанд ки Тоҷикистон захираҳои бузурги гидроэнергетикиро дорост ва солҳои охир мушкилоти таъмини барқ ҳалли худро ёфта истодааст, масъалаҳои мухталифи ҳалталаби иҷтимоиву иқтисодӣ, ки аз таъмини устувори неруи барқ вобастаанд, ҳанӯз зиёданд. Аз 527 миллиард кВт/соати иқтидори мавҷуда, ҳар сол танҳо 3-4 фоизи он истифода мешавад. Ин нишондиҳандаҳо аз имконоти бузурги ҳалли мушкилоти мавҷуда шаҳодат медиҳанд.

Зироаткории обёришаванда ҳалқаи муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ ва шуғли аҳолӣ ба шумор меравад. Зарур аст, ки ба таҷдиди зерсохтори зироаткории обёришаванда бояд манбаъҳои зиёди молиявӣ ва талошҳои дахлдор равона карда шаванд. Мушкилоти вобаста ба обро равандҳои тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ дучанд печидатар мегардонанд. Тӯли даҳсолаҳои охир масоҳат ва ҳаҷми пиряхҳои кишвар, ки сарчашмаи асосии дарёҳо мебошанд, ба таври назаррас кам шудаанд. Тағйирёбии иқлим ва шароити душвори кӯҳсор сабабгори ба вуқӯъ пайвастани офатҳои табиии вобаста ба об, аз қабили селу обхезиҳо мебошанд. Бар асари чунин офатҳои табиӣ ҳамасола зерсохторҳо вайрон гардида, масоҳатҳои калон зери об мемонанд ва ба иқтисоди мамлакат зарари зиёд расонида мешавад. Аз рӯи ҳисоби коршиносон, танҳо дар натиҷаи гармои ғайричашмдошти тобистони соли 2015, обшавии босуръати пиряху барфтӯдаҳо ба иқтисоди кишвар дар андозаи зиёда аз 600 миллион доллари амрикой зарар расонида шуд. Аз ин хотир, ҷиҳати ҳифзи манбаъҳои обии кишвар ва бо ин тағйиротҳо мутобиқ гардонидани низоми истифодаи об андешидани чораҳои муассир зарур аст. Идомаи эҳтимолии раванди обшавии босуръати пиряхҳо метавонад ба ташаккули захираҳои обии минтақа таъсири манфӣ расонад.

Имрӯз масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои об, кам кардани талафоти он, беҳтар гардонидани сифати об ва пешгирии ифлосшавии манбаъҳои он доимо дар маркази диққати Ҳукумати Тоҷикистон қарор доранд. Дар ин асос мавҳеъгирии ҳамгироёна нисбати масъалаҳои вобаста ба об, ки метавонад заминаи расидан ба комёбиҳои нав шавад, дар Барномаи ислоҳоти бахши оби Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2025 пешбинӣ карда шудааст. Барномаи мазкур дар заминаи ду усули асосӣ: ҷудо кардани вазифаҳои сиёсӣ аз танзими фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ ва гузариш ба низоми идоракунии ҳавзавӣ таҳия гардидааст. Расидан ба мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об ва дигар вазифаҳое, ки ба Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об ворид гардидаанд, ҳамчунин ба Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои даврави то соли 2030 шомил карда шуданд.

Баробари ин кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти ҳамкорӣ дар соҳаи об, бахусус дар сатҳи фаромарзӣ қайд кардан бамаврид аст. Возеҳ аст, ки имрӯз мушкилоти вобаста ба обро бе ҳамкории фарогир, бахусус дар сатҳи фаромарзӣ, ҳал кардан ғайриимкон аст. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мавқеи қотеонаи Тоҷикистонро нисбати мушкилоти печидаи обию энергетикии минтақа борҳо эълон карда таъкид менамоянд, ки танҳо ҳамкорӣ ягона василаи оқилонаи ҳалли онҳо мебошад. Аз ин рӯ дар Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба масъалаҳои дипломатияи об диққати хоса дода шудааст.

Пӯшида нест, ки Минтақаи Осиёи Марказӣ аллакай имрӯз оқибатҳои манфии таъсири тағйироти иқлимиро эҳсос менамояд. Ҳарчи бештар солҳои боришоти зиёд ва хушксолиҳо, ҳарорати баланди ҳаво дар фасли тобистон ва хунукиҳои дарозмуддат дар зимистон мушоҳида мешаванд. Дар натиҷаи чунин ҳодисаҳои ғайримуқаррарӣ дар табиат кишварҳои минтақа талафоти зиёди иқтисодӣ бардошта истодаанд ва возеҳ аст, ки ин тамоюл дар оянда ҳам идома хоҳад ёфт. Бар замми он дар солҳои оянда зиёд шудани аҳолии минтақа ба таври назаррас аз эҳтимол дур нест. Аз ин сабаб омили мазкур зарурати андешидани чораҳои иловагиро ҷиҳати рушди иқтисодиёт, аз ҷумла бо мақсади зиёд кардани истеҳсоли маводи ғизой ва неруи барқ ба миён меоварад.

Мусаллам аст, ки дар чунин шароит барои таъмини амнияти соҳаи об, энергетикӣ ва озуқаворӣ ҷалби маблағҳои калонҳаҷм ба зерсохторҳои нав, ҳамчунин технологияҳои муосири сарфаи обу барқ ва истифодаи самараноки захираҳои табиии мавҷуда зарур аст. Он ҳам, боиси зикр аст, ки захираҳои обӣ ба сифати манбаи барқароршавандаи тавлиди энергия дар амалияи таъмини консепсияи "рушди сабз", ки ҷавҳарашро раҳоӣ тадриҷии иқтисод аз пайвастҳои карбогидридӣ ташкил медиҳад, дорои ҷойгоҳи хоса мебошанд.

Захираҳои бузурги обии Тоҷикистон ва қаторкӯҳҳои зиёди он имконоти фаровони истеҳсоли энергияи аз лиҳози экологӣ тозаро дарбар мегиранд. Тавассути онҳо кишвари мо метавонад дар татбиқи ин консепсия саҳмгузор бошад. Ҳамкориҳои судманд ва амалҳои мувофиқашуда дар самти истифодаи оқилонаи захираҳои гидроэнергетикӣ, бешубҳа, метавонад ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушди натанҳо вобаста ба об, балки амалӣ гардонидани дигар ҳадафу масъалаҳо мусоидати ҷиддӣ намояд.

Амалиёти Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, 2018-2028» ва дигар барномаҳои байналмилалӣ оид ба рушд, маблағгузорӣ ва мудирияти захираҳои табиӣ заминаи мустаҳками ҳамкориҳои минбаъдаи Тоҷикистонро фароҳам меоранд. Мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об, дигар мавҳеъгириҳои самаранок ва ташаббусҳои талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ барои тамоюлҳои мусбӣ дар ҷараёни расидан ба ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда оид ба масъалаҳои об ва беҳдошт омили мусоидакунанда мебошанд. Ҳамзамон, ҳамаи кишварҳо бояд дарк намоянд, ки дар ин масъалаҳо ҳамаи онҳо ҳоло ҳам бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд ва ҳалли онҳо амалҳои дастаҷамъона ва ҳамоҳангшударо тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, қабл аз ҳама, бояд чунин механизмҳои амалӣ гардонида ни ҳадафу мақсадҳои мувофиқашуда таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд, ки дар асоси онҳо ҳамаи гурӯҳҳои истифодабарандаи об ҳам имконияти дастрасӣ ва ҳам имконияти бароба ри қонеъ гардонидани ниёзмандии худро ба об дошта бошанд.

**М.И. Ҷумаева,**
**А.Л. Тулохов, Р.М.Ҳаётов,**
**устодони кафедраи**
**беҳдошт ва экология**

## Ду сабаби саратони ғадуди ширӣ



Агар аз истифодаи муттасили алкогол даст кашида, вазнатонро дар ҳолати муқаррарӣ нигоҳ доред, мумкин аст, ки инкишофи бемории саратони ғадуди шириро пешгирӣ намоед. Олимони австралиягӣ баъди ҷамъбасти таҳқиқотҳое, ки дар 200 ҳазор занон гузарониданд, ба чунин хулоса расиданд.

Мо ба чунин хулоса омадем, ки фарбеҳӣ дар 17 ҳазор нафар ва нӯшидани алкогол дар 11,6 ҳазор нафар занон сабаби гирифторӣ ба бемории саратони ғадуди ширӣ мегардад, - мегӯяд доктор Маарит Лаксонен.

Аз рӯи ақидаи таҳқиқотчиёни австралиягӣ ҳатто дар давоми рӯз нӯшидани як нӯшокии алкоголӣ хатари гирифтор шудан ба бемории саратони ғадуди шириро ба вуҷуд меорад. Ғайр аз ин ба инкишофи саратони ғадуди ширӣ дар ҳафт фоизи ҳолатҳо муолиҷаи ҳормонӣ дар муддати панҷсол ё зиёда аз он дар давраи менопауза таъсир мерасонад.

Пештар олимони Маркази саратоншиносии ба номи Андерсони ИМА муайян намуда буданд, ки истеъмоли барзиёди қанд хатари пайдоиши саратонро ба вуҷуд меорад.

## Возможность получения ребенка с высоким интеллектом - реальное будущее



Стивен Хсю, соучредитель компании Genomic Prediction при Университете штата Мичиган, предсказывает: в будущем пары, прибегающие к ЭКО, смогут выбирать уровень IQ своих детей. Это станет реальностью к 2029 году, передает The Daily Mail.

IQ и внешний вид определяются мозаичным набором генетических факторов. И до недавнего времени у ученых не было технологии, позволяющей соединить все элементы мозаики вместе и подойти к редактированию системы генов. Но все изменилось.

Уже сейчас компания Genomic Prediction уже предлагает создание «оценочной карты» для эмбрионов. Такая карта показывает риски развития заболеваний, дефектов, рост и приблизительный интеллект. Специалисты по этике уже говорят об опасности такого подхода. Независимые эксперты видят в отсеивании менее подходящих эмбрионов «фашистский подход».



# АЗ ИНТЕРНЕТ БА ТАРЗИ ДУРУСТ ИСТИФОДА БОЯД БУРД

Ҳар чизи бавуҷудомада ва пайдошударо ҳадафмандона ва бо мақсади нек истифода намудан яке аз асосҳои тафаккури солими ҳар гуна ҷомеа ва инсон шинохта шудааст. Имрӯз дар чунин вазъи ҷаҳонишавӣ ҳар чизи бавуҷудомадаро дуруст шинохтану қабул намудан ва ба он чӣ ки худи мо - тоҷикон дорем монанд намудан лозим аст. Дар ин росто ақли солиме барои ҷомеа зарур аст, ки барои халқ хизмат намуда ва дар баробари ин чизҳои неку бади дар муҳит пайдо мешударо муайян кардану чизи неки онро таблиғ намудану чизи бади онро ба тавре барои муҳит фаҳмонидан зарур аст, ки худи муҳит аз он даст кашад. Дар ҳамин чиз мавқеи давлатмардон ва зиёиён муайян карда мешавад.

Табиати инсонӣ низ ҳамин гуна аст, ки то ба он таъсир нарасонед, он ҳақиқати барои ҷамъият даркориро пайдо намуда наметавонад. Хирс боқӣ мемонад. Ҳатто инро бо шурӯи одамшавӣ низ метавон муқоиса намуд. Имрӯз яке аз воситаҳои муҳимми бавуҷудомадаи замони муосир, ки дорои хубу бад аст интернет мебошад. Оё ин воситаи бавуҷудомада барои кадом ҷомеа ва бо кадомин паҳлуҳояш муфид аст? Ин суол ва чиндин суолҳои дигар дар зер матраҳ карда мешавад.

Аксари донишмандон истифодабарандагони интернетро ба гурӯҳҳо раддабандӣ мекунанд ва дар ин росто аз ҷавонҳо низ ёдоварӣ намуда, дар раддабандӣ онҳоро ба хатарноктарин истифодабарандагон дохил намудаанд. Албатта, аксари кишварҳои олам аз истифодабарии нодурусти интернет аз ҷониби ҷавонони кишварашон нигаронихои зиёдеро баён намуда, роҳи чораро ҷӯё мебошанд. Дар ин росто кишварҳои абарқудрат низ дар бемақсад истифода гардидани интернет аз ҷониби сокинонашон ранҷ мебинанд.

Чи гунае, ки дар боло иброз намудем, интернет ҳам хубӣ ва ҳам бадиҳои зиёдеро доро мебошад. Дар кадом мавридҳо аз хубии интернет истифода мегардад ва дар кадомин мавридҳо баръакс? Нахуст бояд гуфт, ки дар кулли донишгоҳҳои кишвар ва аз ҷумла дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба қиммати интернет ягон тағйироте ворид нагардидааст. Дар донишгоҳ вуҷуд доштани интернет танҳо бо мақсади ба ин тариқ дониши худро васеъ намудани донишҷӯёну маълумотнок гардидани онҳо ба роҳ монда шуда, ҳар гуна истифодабарии ноҷои он дур аз манфиат аст. Бояд гуфт, ки дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино бинои асосӣ, маҷмаи нави таълимӣ, (шаҳраки "Шифобахш") хобгоҳҳо дар умум 691 интернети ноқилӣ ва 450 беноқил вуҷуд дорад, ки донишҷӯён дар раванди таълим аз он ҳадафмандона истифода менамоянд. Илова бар ин, дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон толори электронии тиббии донишгоҳ мавҷуд аст, ки донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ҳамарӯза барои донишандӯзӣ васеъ ба тариқи ройгон истифода менамоянд. Дар ҳамаи бинoҳои дар боло зикргардидаи донишгоҳ толорҳои хониш бо китобҳои таълимӣ бо се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) мавҷуд аст, ки донишҷӯён аз он ба таври васеъ ҳамарӯза истифода мебаранд. Аз ин ҷиҳат, барои донишҷӯён ва ҳам барои кормандони донишгоҳ аз чунин интернет истифода намудан аз нигоҳи иқтисодӣ ва ҳам аз нигоҳи солимӣ муфид ва безарар мебошад. Бинобар ин, барои донишҷӯён истифодаи бомақсади интернет тариқи донишгоҳ фоидаовар буда, донишҷӯён низ онро бояд бо мақсади неку арзишманд ва барои ояндаи дурахшони худ аз ин воситa истифода намоянд. Аз рӯйи таҳлилҳо имрӯз ҷавонони кишвар одатан аз шабакаҳои иҷтимоӣ бештар истифода мебаранд, ки барои онҳо аз чанд ҷиҳат бадиҳои зиёд дорад ва дар ин росто аксари рӯшанфикрон ва донишмандони мӯътабар ба он назаранд, ки фоидаи чунин шабакаҳо ба ҷомеа нисбат ба зарараш камтар аст. Шояд аз як тараф дар бархе матлабҳо баъзан факту рақамҳои ба илм такяшуда вуҷуд дошта бошад, вале ба шакли умум албатта не. Чунки инсоне, ки барои баён кардан сухани ҳақиқии қонунӣ дорад, ошкоро ба воситаи матбуот ва радиову телевизион рӯбарӯ мегӯяд. Албатта, бархеҳо мегӯянд, ки ман аз ин мамлакат дурам ва аз ин тариқ фикрамро баён кардану ризоият ва ё норизоиятиамро ба ин ё он воқеаи сиёсии кишвар ифода кардан мехоҳам. Дар ин ҳолат аз навишта ва вокуниши ӯ ба ин ё он воқеа дар матбуоти дохилӣ истифода мекунанд ва аз ин тариқ худро муҳофизат мекунанд.

Аз тарафи дигар шабакаҳои иҷтимоӣ монанди чойхонагап мебошад. Яъне одамон дар чойхона нишаста, байни худ росту дурӯғ чизе, ки мехоҳанд, мегӯянд. Дар байни ҳарфҳое, ки дар он ҷо гуфта мешавад, ҳақиқату дурӯғ ва ҳатто дастгирии росту дурӯғ аст. Дар ин гуна шабакаҳо ба одамҳои гуногуни ношинос воҳӯрдан мумкин аст, ки чизе гуфтан мехоҳанд. Ҳатто ба шумо маълум нест, ки ӯ ҳарфи гуфтаашро аз ақли худ мегӯяд ё бегона. Дар ин ҳолат эътимоднокии ин гуна шабакаҳо аз байн меравад. Пас, ин гуна маводҳо дар чунин шабакаҳо на эътимоднок аст ва на илмӣ. Чизи илмӣ – ин ақидае, ки дар баҳс пайдо мешавад, баҳс ба илм устувор аст, яъне ба санади китобиву сабтшуда. Шабакаҳои иҷтимоӣ барои дурӯғ гуфтану ғалат навиштану сохтакорӣ имконият фароҳам меоварад.

Аз ин нигоҳ вай як васила̄и ҷангандозӣ ба ҳисоб меравад. Яъне як василаи ҷанги сард ва технологияи навтарин дар ин намуди ҷанг истифода бурда мешавад. Ин ҷанг бо мақсади тағйир додани эътиқод ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҷанг одоби зиндагиро тағйир додан мехоҳанд, яъне одоби зиндагиро ба ҳамон фаҳмиши худ мувофиқ кардан мехоҳанд. Масалан, дар як ҷо одоби аҳли исломро муаррифӣ кардан мехоҳанд, дар ҷойи дигар одоби аҳли зиндагии дунявӣ доштаро ба одоби исломӣ мувофиқ кардан мехоҳанд, дар баъзе маврид ягон амали ғайриқонуниро қонунӣ нишон додан мехоҳанд, яъне шаклҳои гуногуни таблиғ вуҷуд дорад ва бинобар ин, дар миён ҷанги сарди дигар аст.

Бинобар он ки, маълумотҳо дар саҳифаҳои интернетӣ гуногун ва носаҳеҳ аст, барои ба дарсҳо омодагӣ дидан ва донишандӯзии донишҷӯён боварибахш нест ва барои ба даст овардани дониши мукаммал имконнопазир аст. Аз ин лиҳоз, дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино вобаста аз барномаҳои таълимӣ ҳамаи маводҳои таълимии зарурӣ ва иловагӣ дар сомонаи интернетии китобхонаи донишгоҳ, LMS -портали омӯзишӣ, пойгоҳҳои ҷустуҷӯии донишгоҳӣ вуҷуд доранд ва донишандӯзии донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар раванди таълим аз чунин имконятҳои фарох, ки донишгоҳ бахри донишҷӯён фароҳам сохтаaст, истифода намуда, бо ин роҳ дониш ва таҷрибаи худро комил мегардонанд. Бо назардошти хусусиятҳои хоси таҳсилоти тиббӣ ғайр аз маводҳои таълимии электронӣ донишҷӯёни Донишгоҳи тиббӣ аз китобҳои таълимии соҳавии дар толорҳои хониши донишгоҳ мавҷуд буда дониши худро мукаммал ва пурра мегардонанд.

**Гурӯҳи таҳлилии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино**

# Сирри дарозумрии марди 256 – сола

Ба тамоми дарозумрони сайёра мебояд боз як асри дигар зиндагони кунанд, то ин ки рекорди дарозумрии Ли Тсинюни чиниро бигзаранд. Ин мард 256 сол умр дидааст!

Ва ин ҳеҷгуна тахаюлот нест, ин ҳодиса аз ҷониби олимон ва рӯзноманигорон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар мақолаи рӯзномаи маъруфи «New York Times» аз 1930 дарҷ шудааст, профессори донишгоҳи Ченчду-Ву Чунг Тсе

Ҳуҷҷатҳои ҳукумати Империяи Чин аз соли 1827, ки дар онҳо Ли Тсинюнро бо 150 солагӣ ва ҳуҷҷат аз соли 1877-ро дарёфт кардааст, ки ӯро акнун бо 200-солагӣ табрик карда буданд.

Соли 1928 рӯзноманигори «New York Times» навишта буд, кухансолони, ки дар ҳамсояги Ли Тсинюн мезистанд, ба ёд меоварданд, ки ҳанӯз падарбузургони онҳо нақл мекарданд, ки ӯро аз кӯдакиашон медонистанд ва ҳамон вақт низ Ли марди калонсол будааст.

Ли Тсинюн ба фурӯхтани гиёҳҳои шифобахш машғул буд. Аз 10 солагиаш ӯ онҳоро дар кӯҳсор ҷамъоварӣ мекард ва ҳамон вақт, ошкор кард, ки ин гиёҳҳо метавонад ба дарозумри сабаб гарданд. Наздики 40 сол ӯ ба парҳези алафӣ содиқ буд ва танҳо гиёҳҳое чун линтжи, меваҳои годжи, женшени худрӯ ва амсоли инҳоро истеъмол мекард. Соли 1749 дар сини 71-солагӣ ӯ ба артиши Чин ба ҳайати устоди муҳорибаҳои тан ба тан пайваст. Ли мақбули ҳамагон буда, 23 маротиба издивоҷ намуда, зиёда аз 200 маротиба ифтихори «падарӣ» -ро соҳиб гаштааст.

Тибқи ҳикоёти дар музофот маъмулу паҳншуда, Ли аз хурдсоли хондану навиштанро балад буда, пайи ҷамъоварии гиёҳҳо то 10-солагиаш аллакай Гансу, Шанси, Тибет, Аннам, Сиам ва Манҷурияро дидааст.

Тӯли 100 сол аввал ӯ ба ҷамъоварӣ ва фурӯши гиёҳҳои шифобахш машғул буд. Баъдан ӯ гиёҳҳои дигаронро низ мефурӯхт. Дар қатори дигар гиёҳҳои чинӣ ӯ линтжи, меваҳои гаджи, женшени худрӯ, хишу-ву ва готу-коларо фурӯхта дар асоси парҳез аз ин гиёҳҳо ва шароби биринҷӣ ба сар мебурд.

## Ӯ танҳо набудааст.

Тибқи гуфтаҳои яке аз шогирдони Ли, боре ӯ бо марде воҳӯрда буд, ки зиёда аз 500 сол умр доштааст! Ин мард ба Ли машқи роҳҳои нафас-тсичунро омӯхта, ҳамчунин баъзе тавсияҳоро оиди то ба ҳадди аз имкони зиёд умр дидан додааст. Дар бистари марг Ли суханҳои машҳури худро ба забон овард: «Ман тамоми он чизеро, ки дар ин дунё бояд мекардам, анҷом додам. Акнун ман ба манзили хеш бозмегардам».

Ин суханон то кучое метавонанд яке аз асрорҳои бузурги дарозумрӣ ва хушбахтии хаётӣ бошанд? Аҷиб аст, ки мо дар ҷаҳони рушдёфтаи муосир кӯшиши мубориза алайҳи синну сол ба воситаи таҳқизоти пешрафтаи инфрасурх ва муосиртарин анвои доруворӣ дорем…

## Сири дарозумрии Ли Тсинюн

Боре аз Ли сабаби дарозумриашро пурсон шуданд ва чунин посухро гирифтанд. «Дилро дар оромиву хомӯшӣ нигоҳ доред, ҳамчун сангпушт ором нишинед ва ҳамчун саги муҳофиз бихуспед.

Ли мегуфт, ки оромиву осо-



иши ҷаҳони ботинӣ, тавъам бо машқҳои узвҳои нафас-ин аст сири дарозумрии ӯ.

Аммо аҷиб ин аст, ки кухансолтарин сокини сайёра дарозумрии худро ба вазъи шуури худ нисбат медод.

## Барои чӣ ба ин бовар кардан душвор аст?

Ба шахсе, ки дарозии миёнаи умрашон 65 солро ташкил мекунад, ба зиндагонии баъд аз 100-солагӣ бовар кардан душвор аст. Чӣ расад тасаввур кардани оне, ки бархе аз 200 сол зиёд умр мебинад…

Мо бояд ба назар бигирем, одамоне ҳастанд, ки тибки чадвали душвории корӣ ба сар намебаранд, аз бонк қарздор нестанд, аз ҳавои ифлоси шахр нафас намекашанд ва бавайваста ба тарбияи бадани худ машғул ҳастанд . Онҳо қанд, орд ва дигар маҳсулотеро, ки бо пеститсид (доруворӣи кимиёвӣ) коркард шудаанд истеъмол намекунанд. Онҳо мисли мо хӯрокҳои зудтайёрро намехӯранд.

Онҳо гушти равғандор, ширинӣ ва маҳсулоти иловаҳои кимиёвии сунъӣ (ГМО)-доштаро истеъмол намекунанд. Тамоку намекашанд ва машруботи спиртӣ наменӯшанд.

Таркиби хуроки онҳо на танҳо аз маҳсулоти зараровар, ки мо одатан аз онҳо истифода мебарем, озод аст, балки аз маҳсулоти фоидаовар ва рустаниёти шифобахш тартиб дода шудааст.

Онҳо тамоми вақти озоди худро дар табиат мегузаронанд ва аз машқҳои узвҳои нафаскашие истифода мебаранд, ки ба вазъи психикӣ, физиологӣ ва эҳсосӣ муфид ҳастанд. Онҳо хоби солим доранд, вақти зиёдеро дар фазои озод, зери нурҳои офтоб мегузаронанд. Мо худ хуб медонем, ки ҳангоми дар табиат истироҳат кардан, ҳис мекунем, ки гӯё то ҳадде ҷавон шудем ва мо инро «рухсатӣ» меномем. Акнун тасаввур кунед, ки ин чӣ гуна аст: тамоми умр дар кӯҳсору лаби об, дар фазои сукуту оромиши психологӣ, маънавӣ ва физикӣ истироҳат кардан… Аммо ин дар шароити ҷаҳони имрӯза кори хеле душвор аст. Ба ҳар ҳол, исбот шудааст, ки агар дуруст ба бадани худ муносибат намоед, кӣ медонад, ки умри шумо чи қадар идома пайдо хоҳад кард…

**Таҳияи Абдуғаффор Ваҳидов, ассистенти кафедраи беҳдошти муҳити зист**

# МЕРОСБАРИ СУЛОЛАИ ОЛИМОН



Мухите, ки ӯ калон шуда ба воя расид, саршор аз илму маърифат буд. Волидонаш харду дар касбҳои интихобкардаи хеш пешгоми замон маҳсуб меёфтанд. Падараш Саидбобо Додхоев дар Осиёи Марказӣ аввалин касе буд, ки дар соҳаи хеле мушкил-нейрофизиология унвони номзади илмро соҳиб гашта, то охири умр барои тарбияи мутахассисони ҷавони ин соҳа дар муассисаҳои олии таълимии кишвар захмат кашид. Модараш Мунаввара Файзуллоевна Додхоева бошад, аз аввалин профессорзани Осиёи Марказӣ, устоди гинекологҳои ҷумҳурӣ Саъдинниcо Ҳакимова сабақи касбӣ гирифта, давомдиҳандаи сазовори кору фаъолияти шоистаи устоди хеш гашт ва то дараҷаи профессорӣ, узви вобастаи АИ ҷумҳурӣ ва узви пайвастаи АИТ-и мамлакат расид. Ба қавле аз дару девори хонадони онҳо бӯи илм ба машом мерасид ва хоҳу нохоҳ ин муҳити ғайриоддӣ ба ташаккули шахсияти Ҷамшеди наврас бе таъсир намемонд. Аз хурдӣ кунҷков буд ва ба мутолиаи рӯзномаю маҷаллаҳо таваҷҷуҳи зиёд дошт. Он вақтҳо сафорати ИМА дар Иттиҳоди Шӯравӣ маҷаллаи «Америка»-ро ба забони русӣ ба чоп мерасонд, ки ҳар шумораи он ба хонадони онҳо дастрас мегашт. Ҷамшеди наврас маводҳои маҷаллаи мазкурро бо шавқи тамом мутолиа мекард. Боре дар он маводеро хонд, ки аз хусуси соҳаи нави илми тиб-неонатология баҳс мекард. Аз он мақола фаҳмид, ки кӯдаки навзод танҳо дар 28-рӯзагиаш ба ҳаёти заминӣ мутобиқ мешудааст. Аҷиб. Ҷаро маҳз дар 28-рӯзагӣ. То ин замон навзод чӣ ҳаётеро ба сар мебарад? Ва боз то мутобиқ шуданаш ба ҳаёти заминӣ чӣ мушкилоту тағйиротҳоро паси сар менамояд? Инҳо саволхое буданд, ки баъди мутолиаи мақолаи номбурда дар майнаи Ҷамшеди наврас ғайриихтиёр пайдо гашта, ба худ ҷавобҳои мувофиқ меҷустанд. Вале афсус, ки барои ҷавоби аниқ ёфтан ба онҳо ҳанӯз омӯзишу мутолиаи зиёдеро паси сар гузоштан лозим меомад. Танҳо ба илми тиб рӯ овардану аз ин баҳри беканор дурдонаҳо бардоштан имкон медод, ки муаммоҳои пайдошуда барояш кушода гарданд. Вале ӯ табиб не, балки ҳавонавард шудан мехост. Ин буд, ки баъди хатми мактаби миёна барои интихоб шудан ба гурӯҳи довталабони мактаби олии ҳавонавардӣ, ки баъди гузаштани озмоиш бояд ба Руссия фиристода мешуданд, ба комиссияи озмунӣ ариза супорид. Мутаассифона, аз санҷиши сангини ин комиссия гузашта натавонист. Руҳафтода нагашт ва бе дудилагӣ ҳуҷҷатҳояшро ба ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино супориду баъди муваффақона супоридани имтиҳонҳои қабул донишҷӯи ин даргоҳи муқаддас гашт. Самти оянда фаъолияташро Ҷамшеди ҷавон барои худ аллакай муайян карда буд ва мехост, ки ҳамчун табиби атфол дар рушди соҳаи нави тиб –неонатология дар ҷумҳурӣ саҳми худро гузорад. Воқеан, ҳамчун соҳаи алоҳидаи тиб неонатология дар Иттиҳоди Шӯравӣ танҳо нимаи солҳои 80-уми асри гузашта аз тарафи мутахассисон эътироф гардид. Ҷамшеди ҷавон, ки он вақт навакак паси мизи донишҷӯӣ нишаста буд, дар бораи омӯзиши фанҳои таълимӣ мустақилона асосҳои неонатологияро меомӯхт ва рӯз аз рӯз ба дунёи аҷиби ин соҳаи нави илми тиб чукуртар ворид мегашт. Имрӯз Ҷамшед Саидбобоевич аз устодонаш А.Т. Пӯлодов, А.М.Мирокилова, А.М.Сабурова, Ш.М. Бадалова ва дигарон ки дар ташаккули шахсияти ӯ ҳамчун табиби атфол нақши бузург бозидаанд, сахт миннатдор аст. Махз заҳмату кӯшишҳои ин шахсиятҳои бузург буд, ки Ҷамшед Додхоев баъди хатми донишгоҳ дар бобари соҳиби касби пуршарафи табибӣ гаштан боз худро хамчун олими оянда барои пешбурди корҳои илмию тадқиқотӣ ҳамаҷиҳата омода сохт. Вақте ки соли 1994 донишгоҳро хатм намуд, ғайриинтизораш яке аз олимони машҳури соҳаи ҷарроҳии кӯдакон, профессор Аъзам Тоҳирович Пӯлодов ӯро ба назди худ даъват намуд.

- Медонӣ, писарам Шуморо барои чӣ даъват кардам, -зимни суҳбати кӯтоҳ иброз дошт Аъзам Тоҳирович, ман аллакай огоҳ дорам, ки ту оид ба соҳаи нави тибби атфол-неонатология тасаввуроти кофӣ пайдо кардаӣ, шуъбаи мо бошад аз сабаби набудани чунин мутахассис танқисии ҷиддӣ мекашад. Кӯдакони навзодеро, ки мо бо нуқсҳои модарзодӣ ҷарроҳи мекунем, дар шуъбаи эҳёгарӣ ба таври лозимӣ нигоҳубину муолиҷа карда наметавонанд. Аз ин рӯ, аксар вақт мо ба ҳодисаҳои фавти чунин кӯдакон рӯ ба рӯ мешавем. Бисёр хуб мешуд, ки дар шуъбаи мо ба кор медаромадию то қадри тавон дар ҳалли ин мушкилот кӯмак мерасондӣ.

Ҷамшеди ҷавон таклифи ин олими варзидаро, ки на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар саросари Иттиҳоди Шӯравӣ чун беҳтарин ҷарроҳи кӯдакон машҳур буд, ҳамчун ифтихори баландбароҳи худ қабул намуд. Вале чанд муддате, ки дар ин шуъба ба табобати навзодони ҷарроҳишуда машғул гашт, пай бурд, ки дар ҳақиқат барои тамоми сирру асрори соҳаи неонатологияро пурра аз худ намудан боз омӯзиши зиёди таҷрибаи мутахассисони варзидаи ин касб зарур аст. Аз ин хотир баъди маслиҳат бо Аъзам Тоҳирович худи ҳамон сол роҳи шаҳри Санкт-Петербургро пеш гирифт. Ӯро дар Пажуҳишгоҳи тадқиқоти илмии акушерӣ-гинекологии ба номи Д.О.Оттаи АИТ-и ФР ҳамчун ординатори клиникӣ қабул намуданд. Ҳамзамон, дар пажуҳишгоҳи мазкур ба ҳайси духтури навбатдор фаъолият менамуд. Ҷ.С.Додхоев дар муҳити нав ва халқаи ҳамкасбони ношинос ба зудӣ худро ҳамчун ҷавони қобилиятноку соҳибистъдод ва дар навбати худ ҳалиму хоксор шиносонд. Ҳатто дере нагузашта таваҷҷуҳи махсуси роҳбари кори илмиаш, д.и.т., профессор Инна Ивановна Евсюкова ба тарафи ӯ ҷалб гардид. Он вақтҳо ба сирру асрори компютер, ки ба муҳитҳои илмии Россия навакак ворид гашта буд, на ҳама сарфаҳм мерафтанд. Ҷамшед бошад, бо компютер кор карданро ҳанӯз дар 15 –солагӣ аз тағояш- доктори илмҳои техникӣ Ҳабибулло Файёзов, ки мутахассиси баландпояи технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб мерафт, омӯхта, на танҳо бо он озодона кор мекард, балки аз ӯҳдаи барномасозӣ ва таъмири компютер ба хубӣ мебаромад. Аз ин хотир барои дарёфти маводҳои зарурӣ ва коркарди техникии корҳои илмӣ мутахассисони пажуҳишгоҳ зуд-зуд ба ӯ муроҷиат мекарданд. Ин ҳолатро профессор И.И.Евсюкова мушоҳида намуда, Ҷамшедро ба утоқи кори худ даъват намуда сирру асрори компютердониашро пурсон шуд. Ҷамшед ҳамаашро ба ӯ фаҳмонд.



- Ту метавонӣ, ки маро бо тарзи корбарии компютер ошно созӣ?- ғайриихтиёр пурсон шуд И.И.Евсюкова.

-Албатта, агар хоҳиш бошад, ин чандон мушкилӣ надорад,-гуфт Ҷамшед. Ҳамин тавр чанд муддате устод дар назди шогирдаш дарси компютерӣ омӯхт ва профессори 55-сола ба зудӣ аз тамоми сирру асрори техникаи нави иттилоотӣ огоҳ гашта, барои ин ба Ҷамшеди ҷавон сидқан миннатдорӣ мекард. Ҷамшед Додхоев аз ҳар соату дақиқаи дар ихтиёраш буда ба тавре пурсамар истифода бурда, тахти ҳимояи ин олимаи тавоно дар баробари омӯзиши таҷрибаи касбӣ, кори илмиашро аз рӯи нақша пеш мебурд. Заҳматҳои шабонарӯзии Ҷ.С.Додхоев дар ин даргоҳи илмӣ самараи хуб доданд ва ӯ соли 1999 дар мавзӯи «Нуфузпазирии мембранаҳои эритроситӣ ва қобилияти сорбсионии эритроситҳо дар занон ва кӯдакони навзоди онҳо, ки гирифтори иллатҳои перинаталӣ (дар давраи зоиш рухдода) мебошанд», рисолаи илмии худро тахти роҳбарии профессор И.И.Евсюкова ҳимоя намуда сазовори унвони номзади илмҳои тиб гашт. Барои як ҷавони 30-сола дур аз Ватан ба ин комёбӣ соҳиб гаштан шарафи бузурге ҳисоб мешуд. Дар ин давра, ӯ бо даъвати роҳбарияти Пажуҳишгоҳи тадқиқоти илмии психотерапия ва психологияи клиникии АИТ- ФР дар он ҷо ҳафт сол ба ҳайси духтур-мушовир фаъолият намуд. Таҷрибаи корӣ ва донши касбии Ҷ.С.Додхоев акнун на танҳо устодонаш, балки худи ӯро то андозае қаноатманд мекард. Аз ин хотир, соли 2008 барои идомаи фаъолият ба Ватан баргашт. Мутахассиси ҷавонро дар донишгоҳи азизаш бо хушӣ пазируфтанд ва таҷрибаи бойи пешбурди корҳои таҳқиқотиашро ба назар гирифта, соли 2009 ӯро мудири шуъбаи илми донишгоҳ таъйин намуданд. Фаъолияти Ҷамшед Саидбобоевич дар ин бахши калидии донишгоҳ ба рушди корҳои илмӣ ва ҷалби бештари ҷавонони болаёқат ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мусоидат намуд. Олими ҷавон дар баробари пешбурди кори шуъбаи илм ҳамзамон давоми солҳои 2015-2017 вазифаи мудири кафедраи бемориҳои кӯдаконаи №1-ро ба зимма дошт. Воқеан, Ҷамшед Саидбобоевич имрӯз ҳам ба ҳайси дотсенти кафедра дар таълиму тадриси мутахассисони ҷавон саҳми арзандаи худро мегузорад. Мавсуф ҳамчун устоди донишманду сахтгир ва хоксору ҳалим на танҳо дар байни шогирдон, балки дар халқаи ҳамкасбону устодони кафедра хурмату эҳтироми баландро сазовор гаштааст. Илова ба тадриси шогирдон аз рӯи касби дӯстдоштааш табиби неонатолог фаъолияти шоиста анҷом дода, ҳамвора кӯшиш ба кор мебарад, ки навгониҳои дар хориҷи кишвар омӯхтаашро дар тибби ватанӣ ҷорӣ созад ва барои рушди ин соҳаи хеле нодири илми тиб дар кишвар роҳи васеъ кушояд.

Олими ҷавон кори омӯзгорию табобатиро ҳеҷ гоҳ аз фаъолияти илмӣ ҷудо тасаввур намекунад. Бо ҳар тифли беморе, ки сарукор гирифта бошад, сабабҳои пайдоиши беморӣ ва роҳҳои пешгирии минбаъдаи онро меомӯзад ва ба он баҳои илмӣ медиҳад. Омӯзиши пай дар пайи як аломати беморӣ дар якчанд тифли навзод асоси корҳои илмӣ-тадқиқотии ӯро ташкил медиҳад. Тадқиқотҳои илмии Ҷ.С. Додхоев оид ба масъалаҳои мутобиқати бармаҳали баъдитаваллудии кӯдакони навзоди модарони гирифтори диабети навъи 1, кӯдакони навзоди модаронашон резус-мухолиф, кӯдакони навзод аз шароити гипоксияи шадид ва музмин дар байни мутахассисони соҳа аҳамияти калонро доро мебошанд. Имрӯз Ҷ.С. Додхоев муаллифи беш аз 90 таълифоти илмӣ, монография{о, китоб{ои дарсӣ, дастур ва тавсияҳои таълимию методӣ ва таклиф{ои навоварона буда, ҳамзамон дар ҳайати гурӯҳи кории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии мамлакат ҷиҳати таҳияи стандартҳои миллӣ оид ба соҳаи неонатология хизматҳои шоистаеро анҷом медиҳад. Соли 2009 ба Ҷамшед Саидбобоевич муяссар гашт, ки дар мавзӯи « Механизми қафомонии инкишофи дохилибатнии кӯдак ҳангоми норасоии музмини пласентарӣ» рисолаи доктории худро дифоъ намояд.

Осори илмии олими ҷавон чӣ дар дохили кишвар ва чӣ берун аз он бо таҳлилҳои асоснoки илмию оморӣ таваҷҷӯҳи зиёди мутахассисонро ба худ ҷалб намудаанд. Тахти роҳбарии Ҷ.С.Додхоев як нафар олими ҷавон рисолаи номзадии худро дифоъ намуда, як нафари дигар дар арафаи ҳимоя қарор дорад. Роҳбарияти нави донишгоҳ қобилияти баланди ташкилотчигии Ҷамшед Саидбобоевич Додхоевро ба назар гирифта, соли 2016 ӯро ба вазифаи боз ҳам масъулиятноктар-мудири шуъбаи равобити байналмилалии донишгоҳ таъйин намуданд. Натиҷаи фаъолияти босамари ӯ дар ин самт ба рушду инкишофи ҳамкориҳои илмию таълимии таълимгоҳ бо муассисаҳои зиёди таҳсилоти тиббии хориҷӣ мусоидат намуд. Ҷ.С.Додхоев аз соли 2008 инҷониб аъзои раёсат ва Шӯрои олимони донишгоҳ буда, дар такмилу тақвияти низоми таҳсилот, ба роҳ мондани ҳамкориҳои муштарак бо муассисаҳои тиббии хориҷӣ, ташкилу баргузории чорабиниҳои илмию фарҳангии донишгоҳ саҳми муносиб мегузорад.

Устоди соҳибтаҷриба, олими дақиқкор ва табиби мушфиқи кӯдакон, доктори илмҳои тиб, дотсент Ҷамшед Саидбобоевич Додхоев ба синни камолоти 50-солагӣ расидааст. Ба наздикӣ дар ҷаласаи раёсат ректори донишгоҳ, профессор М.Қ.Гулзода ӯро бо ин воқеаи муҳими ҳаётааш табрику таҳнияти гуфта, ба ӯ Ифтихорнома ва тухфаи раёсат ва кумитаи иттифоқи касабаи донишгоҳро супорид.

Ин ҳама қадршиносиҳо бешак табиб, омӯзгор ва олими соҳибтаҷрибаро, ки алҳол дар айни камолоти умр қарор дорад, ба фатҳи қуллаҳои боз ҳам баландӣ эҷодӣ ҳидоят месозад. Иродаи қавӣ ва таҷибаи бойи кору рӯзгор дар ин роҳ ба ӯ мададгор хоҳанд гашт. Бехуда ҳам нагуфтаанд: «Иродат надорӣ, саодат маҷӯӣ»...

**Маҳмадназар Мазиёев**



# МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОРОМИИ МИНТАҚА ВА МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ

Конфронси сатҳи баланд "Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил", ки 17-уми майи соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ пешорӯи хатару таҳдидҳои амниятии глобалӣ қарор дорад. Таъмини сулҳу субот ва амнияти пойдор яке аз омилҳои калидӣ ва шарти муҳими эҷоди раванди созандаи рушди устувор дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад. Терроризм ва экстремизм ҳамчун зуҳуроти харобиоварест, ки боиси оқибатҳои ногувори сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқӣ гардидааст. Амалҳои террористӣ амнияти байналмилалиро заиф гардонида, сабабгори ноустувории вазъ дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон ва таҳдидҳо ба шаҳрвандони оддӣ мегардад.

Терроризм ва экстремизм, ки зуҳуроти хавфноктарини ҷаҳони муосир ба ҳисоб мераванд, торафт шаклҳои гуногуни таҳдидомез ва хатари умумиҷаҳониро ба худ касб мекунад. Амалиётҳои террористӣ ва шомил шудан ба гурӯҳҳои экстремистӣ боиси қурбониҳои зиёди инсонӣ мегарданд, ба оммаи васеи одамон фишори сахти рӯҳӣ меоранд, арзишҳои моддиву маънавиро нобуд месозанд, дар байни давлатҳо тухми нифоқ мепошанд, байни гурӯҳҳои иҷтимоиву миллӣ нобоварӣ ва адоватеро ба бор меоранд, ки баъзан дар муддати ҳаёти як насл онҳоро бартараф кардан аз имкон берун мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд: "Террорист Ватан, миллат ва дин надорад". Коршиносон дар заминаи таҳлилҳои худ ба хулоса омадаанд, ки қисми зиёди нооромиҳо, ҷангу низоъҳо дар кишварҳои мусулмонӣ сурат гирифтаанд, маҳз ба тафриқаандозиҳо миёни мусулмонон, истифодаи онҳо ҳамчун воситаи амалинамоии террор ва мухолифати мазҳабӣ рабт доранд. Имрӯз хатари терроризм ва ифротгароӣ ба масъалаи глобалӣ табдил ёфта, қариб ба ҳама давлатҳо таҳдид мекунад. Доманаи фаъолияти созмонҳои террористӣ торафт васеъ шуда, фаъолияти онҳо, аз ҷумла, дар ҳамсоякишвари мо Афғонистон вазъиятро боз ҳам мураккаб гардонда боиси саргардонӣ ва кашоқии ин мардум гаштааст. Ба маврид аст, ки барои мубориза алайҳи ин падидаҳои бениҳоят хатарнок саъю кӯшиши ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим аст, ки дар сатҳи олии ҳамаи давлатҳо нобуд ба танзим дароварда шавад. Барои амалӣ гардидани амалиёти самаранок оид ба мубориза бар зидди терроризм дар навбати аввал заминаи ҳуқуқии ин мубориза бояд гузошта шавад. Ин аст, ки давлатҳои мутамаддини ҷаҳон қонунҳои миллӣ дар бораи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизмро қабул мекунанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999 мафҳуми терроризм чунин омадааст: Терроризм - яъне зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеӣ, маҷбур кардан, ҳамчунин нобуд сохтан (зарар расонидан) ё таҳдиди нобуд сохтани (зарар расонидан ба) молу мулк ё дигар объектҳои моддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии молу мулкӣ ва (ё) дигар манфиати онҳо, инчунин таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо мақсади суст кардани сохти конститутсионӣ ё амнияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ ё содир намудани чунин кирдор ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди ташкилоти байналмилалии таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта ё аъзои бо ӯ истиқоматкунанда, инчунин ба биноҳои хизматӣ ё истиқоматӣ ё воситаи нақлиёти шахсоне, ки таҳти ҳимояи баналмилалӣ қарор доранд, агар ин ҳаракатҳо бо мақсади барангехтани ҷанг ё мураккаб сохтани муносибатҳои байналмилалӣ содир шуда бошанд, эътироф мешавад.

Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба мубориза бар зидди терроризм санадҳои ҳуқуқии байналмилалии бисёрҷониба, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии минтақавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дуҷониба ташкил медиҳанд, ки онҳо барои таъмини сулҳ, амнияти инсоният, ривоҷу равнақ ёфтани муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, алалхусус ҷиноятҳои терроризм ва экстремизм мувофиқи Оинномаи Созмони Миллали Муттаҳид мусоидат мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти муаззафи он мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва принсипҳои он дар масоили мубориза бар зидди терроризм бо мамлакатҳои хориҷӣ ва мақомотҳои дахлдори онҳо, ба ғайр аз ин ташкилотҳои байналмилалие, ки бо терроризм мубориза мебаранд ва ба ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдидагони он мусоидат менамоянд, ҳамкорӣ мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва бо мақсади ҳамкорӣ дар мубориза алайҳи терроризм шартномаҳо ва созишномаҳои дутарафа оид ба ҳамкориҳои ҳуқуқӣ дар масоили шаҳрвандӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, тиҷоратӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мубориза ба муқобили терроризм, экстремизми динӣ ва сиёсӣ, ҷинояткории муташаккилонаи трансмиллӣ ва дигар таҳдидҳои устуворӣ ва амнияти ҷонибҳо бо Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Федератсияи Русия, Ҳиндустон, Туркия, Хитой ва ғайра бастааст.

Дар асоси санадҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки ҳамкории мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, мақомотҳои дахлдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро ба роҳ монад, оид ба сари вақт пешгирӣ кардани ҷиноятҳои вобаста ба терроризм ва экстремизм чораҳои фаврӣ-ҷӯстуҷӯӣ, таҳқиқӣ, тафтишотӣ гузаронад.

Вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ, ҳамчунин воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷомеа институтҳои илмиву таҳқиқотии Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, Маркази таҳқиқоти стратегӣ, дигар марказҳои илмӣ ва кафедраҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ба таҳқиқу таблиғи масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ, пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Дар масъалаи бартараф кардани сабабу шароитҳое, ки ба содир шудани ин қабил ҷиноятҳо оварда мерасонад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қишрҳои ҷомеа ҳамаи чораҳои таъсирбахш андешида шуда истодаанд, аз қабили баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ, ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш, ташаккул додани мафкураи баланди ватандӯстию ватанпарастӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ, сохтани масҷидҳои замонавӣ, нашр кардани китобҳои динӣ ба забони модарӣ, ташкили барномаҳои динию ахлоқӣ дар садову симо, чопи мақолаҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳо. Ин ҳама чорабиниҳо дар барномаҳои дурнамои тараққиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ таҷассум ёфтааст. Мардуми шарифи моро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода дар фазои давлати соҳибистиқлол демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона фаъолияти корӣ, хизматӣ, илмӣ, эҷодӣ, омӯзгорӣ ва дигар фаъолиятҳои мухталифи ҷомеаро ба роҳ монда ҳамеша аз ин ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу осоиш шукргузор бошад.

**С.А. Таибов,**
**сардори маркази итилоот ва нашрияи донишгоҳ**

# Ҷавонон бояд бунёдкору созанда бошанд

Ҷавонон дар ҳар давру замон нерӯи пешбари ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари аҳолиро ҷавонон ташкил мекунанд. Онҳо вазифадоранд, ки дар рушди инкишофи ҳаёти ҷомеа ҳиссагузорӣ намуда, баҳри пойдор намудани ҷомеаи демократӣ пайваста кӯшиш ба харҷ диҳанд. Ҷавонони имрӯза озодона аз илмҳои замона, техникаи муосир истифода мебаранд. Имрӯз теъдоди зиёди онҳо дар идораҳои давлатӣ кор ва фаъолият мекунанд. Ҷавонон ояндаи миллатанд. Онҳо бояд дар рӯҳияи меҳанпарастӣ, ватандорӣ, ҳимоя ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ба воя расанд. Нангу номуси ватандорӣ дар онҳо бояд фаъол бошад. Таърих гувоҳ аст, ки ҷавонон дар ҳама гуна давру замон бунёдкору созанда буданд ва мемонанд. Меҳнати фидокоронаи ҷавонон дар Ҷанги дуюми ҷаҳон (хоҳ дар фронт, хоҳ дар ақибгоҳ) барои ғалаба омили муҳим гардид. Дар сохтмонҳои бузурги ҷумҳурӣ НБО-и Норак, Бойғозӣ, Сангтӯда, Роғун ҷавонон саҳми барҷаста доранд.

Имрӯз ҳукумати ҷумҳурӣ барои фаъолияти ҷавонон ҳамаи имкониятҳоро фароҳам овардааст. Соли 2017 –ро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли ҷавонон эълон намуда буданд. Гурӯҳе аз ҷавонони тоҷик берун аз ҷумҳурӣ таҳсил намуда, сатҳи дониши худро баланд мебардоранд.

Ҷавонон бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналхалқӣ ба таври сазовор муаррифӣ намуда парчами ҷумҳуриро баланд бардоранд.

Мутассифона, имрӯз ҷавононе низ ҳастанд, ки ба корҳои номатлуб, ба авбошӣ даст мезананд. Ҳамагон бояд ин гуна ҷавононро гумроҳро аз ин роҳ боздорему дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ тарбия ва ба роҳи рост ҳидоят намоем.

**Ҷ.Б. Ҳамроқулова,**
**устоди кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ**

# МЕДИЦИНСКИЙ КРОССВОРД



**По горизонтали:** 3. Обычно именно до этого приходится раздеваться в кабинете у терапевта. 6. «Пернатое такси» для новорожденных. 10. Северный знахарь. 11. «Полигон» для остеохондроза. 12. Врач, специалист по крови и ее болезням. 13. Бесхвостый «обезьян», подаривший название резус-фактору крови. 15. Пословица говорит, что это - лучший доктор, но плохой косметолог. 16. Врач, который может разобрать по частям и в прямом, и в переносном смысле. 17. Воспаление толстой кишки. 22. Воспаление предстательной железы. 24. Яйцо, откладываемое на больном педикулезом. 25. Резкий упадок сил при болезни или при голодании. 27. Искусственное прерывание беременности. 29. Бессознательное состояние, в которое обычно впадает хотя бы один герой «мыльной оперы». 31. Для одоления этой высоты монтеру нужны кошки. 32. Доброкачественная опухоль из кровеносных или лимфатических сосудов. 36. «Обитель» насморка. 37. Столовый прибор, которым ежегодно до полусотни непривычных к нему японцев травмируют глаза. 38. Если заболеет этот коллектив, понадобится помощь не врача, а ветеринара. 39. Скопление избыточного количества жидкости в тканях. 40. И звуки сладкого сна, и хроническая болезнь лошадей, верблюдов, кошачьих, человека. 43. Простейший инструмент для искусственного дыхания. 46. Их лучше не трепать, потому что, говорят, от них - все недуги. 47. Овечьи роды. 49. Актер, с блеском сыгравший роль участкового врача Женю Лукашина. 50. 20-25 процентов количества крови взрослого человека. 51. В чашке с такой фамилией медики растят посевы микроорганизмов, взятых в виде мазков с больных (или здоровых) пациентов. 52. Название витамина В1. 53. Самая сильная мышца в человеческом организме - даже сильнее, чем миокард.

**По вертикали: 1.** «Авоська», в которой можно провести ночь. 2. По ней бывает сдвиг у тока и на голову больного. 4. Шарообразное лекарственное растение-паразит на ветвях лиственных и хвойных деревьев. 5. Известный южноафриканский хирург Кристиан Барнард в речи на своем семидесятилетнем юбилее назвал (и в шутку, и всерьез, и кстати) это самой распространенной в мире болезнью. 6. Лекарственный столетник с подоконника. 7. Три орудия есть у врача, по словам Авицены. Нож, растение, а что третье? 8. Его сразу учуял Балбес, когда два незнакомца в масках делали уколы на сон грядущий. 9. То, с чем прежде шел в бой прапорщик. 14. Оскопленный мужчина. 15. Фиолетовые «таблетки любви», помогающие в 70 случаях из ста. 18. Шипучий растворимый аспирин. 19. Какое слово было написано на одеялах во Втором доме Старсобеса («Двенадцать стульев»)? 20. Противогрибковый препарат. 21. Валентин, который в сериале «По ту сторону волков» играл врача. 23. Танец, которому Бывалый в «Кавказской пленнице» обучал с помощью окурков. 26. Глазное ... - часть задней стенки глазного яблока. 28. Помещение для скота. 29. Медицинское название всех онкологических болезней одним словом. 30. Воспаление груди. 32. Разновидность халцедона - в старину считалось, что этот камень защищает от сглаза и ядов, принося долголетие. 33. У этого человека богатый и весьма разнообразный послужной список: профессиональный врач и капитан одной из лучших команд КВН, кинорежиссер и ведущий популярного ток-шоу на телевидении, директор Дома кино и депутат Государственной Думы страны. 34. Закись этого газа и веселит, и анестезирует. 35. «Дама», которая боиться встречи с кларотадином. 39. Метаболизм - это ... веществ. 41. Остаток съеденного зуба (разг.). 42. То же, что болезнь. 44. Наружный ... еще называют «ухом пловца» 45. Повод пригласить повитуху. 47. Прежнее имя телеканала, на котором выходит программа «Здоровье». 48. Поэтическая хвала.

# «Шукрона»-и Гифти Селвираҷ қадрдонӣ ёфт



***Дар шаҳри Душанбе аввалин Фестивали фарҳангии донишҷӯёни хориҷӣ тахти унвони "Дӯстии ҷавонони ҷаҳон поянда бод" баргузор шуд. Ба иттилои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фестивали мазкур барои аввалин бор аст, ки дар кишвар баргузор мешавад ва дар он шумораи зиёди донишҷӯёни хориҷӣ иштирок намуданд.***

Ҷавонони хунарманду соҳибистеъдод, сарояндагону навозандагон ба намояндагӣ аз 12 давлати дунё фарҳанги волои тоҷикӣ ва миллии худро бо истеъдоди фавкуллода нишон доданд.

Боиси ифтихор аст, ки донишҷӯйи курси якуми ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Гифти Селвираҷ-шахрванди кишвари Ҳиндустон, суруди машхури "Шукрона"-ро бо лахни зебои тоҷикӣ ичро намуда, ба истиқболи гарми иштирокчиён сазовор шуд.

Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллозода Ахтам Рустам, ки дар ин фестивал ширкат ва суханронӣ намуд, барои иштироки фаъолона дар аввалин фестивали фарҳангии донишҷӯёни хориҷӣ ба иштирокдорон сипосномa тақдим намуд, ки Гифти Селвираҷ низ ба дарёфти он мушарраф гардид.

Фестивали фарҳангии донишҷӯён тахти сарпарастии Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон, мухтарам Рустами Эмомалӣ доир гардида, намояндагони 12 кишвари дунёро гирди ҳам овард.

# Унвон муборак, устод!



Ба наздикӣ директори Маркази тарҷумаи адабиёт ва истилоҳоти соҳавии донишгоҳ, устоди кафедраи забони тоҷикӣ А.И.Юсуфов бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвони илмии дотсент, аз рӯи тахассуси забоншиносӣ сарфароз гардонида шуд. Дар ҷаласаи навбатии Шӯрои олимон ректори донишгоҳ, профессор Гулзода М.Қ. ба мавсуф шаҳодатномаи дотсентиро супорида, дар кори фаъолияти минбаъдааш ба ӯ бурдбориҳо таманно намуд.

# Толори Синошиносӣ

Дар раванди таълим шакли навтарини кор бо маълумот бояд истифода шавад, то онро муҳим гардонад ва ба донишҷӯйи муосир наздик бошад.

Китобхонаи илмии ДДТТ аз ҷумлаи калонтарин китобхонаҳои макотиби олии шаҳри Душанбе ба ҳисоб меравад, ки захираи азими универсалии илмиву таълимӣ дорад ва қисми асосии онро интишороти тиббӣ ташкил медиҳад. Хусусияти хоси худи ҷараёни таълим он аст, ки шакли аудитории таълимро унсури кори мустақилонаи донишҷӯ пурра менамояд ва он ҳам дар пойгоҳи захираҳои ахборотӣ-китобхонавии китобхонаи илмӣ амалӣ мешавад. Ғайр аз феҳристи электронӣ (ФЭ) ва захираи он донишҷӯёну омӯзгорон ба захираҳои гуногуни ахборотӣ ва махсуси таълимӣ дастрасӣ доранд, ки барои босифат анҷом додани супоришҳои таълимӣ шароит фароҳам оварда, барои ба таҳқиқотҳои илмӣ машғул шудан мусоидат менамояд.

Илова ба пойгоҳи маълумотии русиягӣ (ПМ) ва системаи электронии китобхонавӣ (СЭК), ки дар сомонаи китобхонаи ДДТТ мавҷуд аст, хонанда метавонад маълумотҳоро аз ПМ-и мукаммалматни хориҷӣ дархост намояд. Барои донишҷӯ, аспирант, унвонҷӯ ва омӯзгорону олимон дастрасӣ ба захираҳои ахбороти китобхонаи электронии илмӣ E-Library (http://elibrary.ru) бо пойгоҳи маълумотдиҳии мақолаҳо аз маҷаллаҳо доир ба ҳамаи илмҳо кушода аст. Он сабти библиографии тамоми навъҳои ҳуҷҷатҳоро дорад: монография, рисола, китобҳои дарсӣ, дастурҳои амалӣ, барномаҳои таълимӣ, инчунин видеотека, практикум, фарҳангҳо, маълумотномаҳо, фишурдаи маъруҷзаи конференсияҳо, маҷмӯи мақолаҳо, мақолаҳо аз матбуоти даврии интишороти мавзӯии универсалӣ, ки китобхонаи ДДТТ дастрасӣ дорад ва ғайра. Дар китобхона ПМ-и коркарди китобхонаи илмӣ пеш бурда мешавад: «Таълифоти олимони ДДТТ», «Автореферат», «Рисолаҳо», «Фонди нодири КИ», «Абӯалӣ ибни Сино», «Таърихи донишгоҳ», «Тиб ба забони давлатӣ».

Тавре пештар ишора намудем, равандҳои инноватсионии таълимро бе технологияи муосир ва ба таври динамикӣ инкишофёбанда, сомонаҳои интернетӣ, барномаҳои таъминоти махсусгардонидашудаи таълим, пойгоҳҳои маълумотии мукаммалматн, китобхонаҳои электронӣ ва ғайра тасаввур кардан имконнопазир аст. Ҳадафи асосӣ аз татбиқ намудани навгониҳои мазкур дар раванди таълим ва фаъолияти минбаъда, васеъ гардонидани имконияти дастрасии донишҷӯён ба маълумоти зарурӣ ба шумор меравад.

Як қатор толорҳои махсусгардонидашудаи хониш омода карда шуданд. Толори «Синошиносӣ» аз ҷумлаи чунин толорҳои махсусгардонидашуда ба ҳисоб меравад. Дар толори мазкур кор бо хонандагон ранги дигар гирифт. Зимни ташкили чорабиниҳои «Ҳафта»-и китоб, «Рӯзҳои библиографӣ», намоиши филм оид ба ҳаёт ва фаъолияти Абӯалӣ ибни Сино, толор пур аз шавқмандони китобу пайравони Сино мегардад.

**М.З. Норова, сарвари бахши автоматикунонии китобхонаи илмӣ**

# Намоиши китоб дар боғи Рӯдакӣ

***Китоб манбаи ягонаи пайдоиши илму дониш ва фазлу эҳсони инсони комил ба шумор рафта, ба кас беҳтарин розҳо, маълумотҳо ва маъхазҳои заруриро ҳадя месозад. Китоб беҳтарин ёвар ва маслиҳатгари кас буда, ҳаёту зиндагӣ, кору фаъолият ва донишу масъалаҳои нав ба навро ба одамон, хусусан ҷавонон, меомӯзонад.***




Аз ин рӯ, барои ба ҷавонон ҳарчи хубтару беҳтар фаҳмонидани моҳияту арзиши китоб, нақши он дар ҳаёти инсон ва ҷой кардани меҳри хониш дар дили онҳо ҳамарӯза дар саросари кишвар чорабиниҳо аз ҷониби муассисаҳои гуногун баргузор гашта истодаанд.

18 май дар боғи фарҳангу фароғатии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ намоиши китоб тахти унвони «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст!» баргузор гардид, ки устодони кафедраи забони тоҷикӣ Саидова Б.М., Маҷидова Б.М., Калонова М.Ҷ. бо донишҷӯёни гурӯҳҳои куратории худ дар он иштирок ва аз китобҳои тозанашр дидан карданд. Донишҷӯён аз намоиши адабиёт, ки фарогири китобҳои муфид ва дархури завқи донишҷӯён буд, қаноатманд ва ниҳоят шод гардиданд.

Ҳамчунин онҳо умедворанд, ки чунин намоишҳо ва озмуну чорабиниҳо доир ба китоб дар саросари кишвари азизамон зуд-зуд баргузор хоҳанд гашт.

# Пиршавӣ аз чандсолагӣ оғоз меёбад?



***Анҷомёбии инкишофи ақлонӣ ва ҷисмонӣ аз 39 солагӣ оғоз меёбад. Чун қоида, нишонаҳои аввалини онро одамон ҳис намекунанд.***

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот олимон муайян намудаанд, ки раванди пиршавии одам кай оғоз меёбад. Дар натиҷа маълум гашт, ки механизми манъшавии инкишофи чӣ ақлонӣ ва чӣ ҷисмонӣ дар 39 солагӣ ба ҳаракат медарояд. Оғози пиршавӣ ба камшавии миқдори миелин, ки ҳуҷайраҳои асабиро ҳифз менамояд, алоқаманд мебошад. Дар натиҷа онҳо ба вайроншавиҳо дигар муқобилат карда наметавонанд, ки ин дар навбати худ бемориҳои синнусолиро ба вуҷуд меорад. Ба ақидаи олимон нишонаҳои асосии пиршавӣ дар 39-солагӣ пайдоиши дард ва карахтӣ дар буғумҳо махсуб меёбанд.

Душворӣ кашидан дар истифодаи технологияҳои хозиразамон низ огоҳиест аз оғози пиршавӣ.

# Ҳамдардӣ

**Раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз вафоти омӯзгори калони Мркази омодагии қаблӣ**

**ҲАКИМОВ МАРДОН ҒУЛОМОВИЧ**

**андӯҳгин буда, ба аҳли оилаи марҳум аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба корманди шуъбаи барномарезӣ ва молия Давронова Фарида Ҳасановна нисбати вафоти**

**МОДАРАШ**

**ҳамдардии амиқ изҳор менамоянд.**

Ворисони Сино

САРМУҲАРРИР: МАҲМАДНАЗАР МАЗИЁЕВ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Гулзода М. Қ. - ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино;
Ибодов С.Т. - муовини ректор оид ба таълим;
Юсуфӣ С.Ҷ. - муовини ректор оид ба илмва нашрия;
Қобилов Қ.К. - муовини ректор оид ба муолиҷа;
Қурбонбекова П.Қ. – муовини ректор оид ба тарбия;
Хокироев Т.З. - муовини ректор оид ба корҳои хоҷагию маъмурӣ;
Носиров Қ.Н. - мудири шуъбаи таҳлил, назорат ва робита бо ҷомеа;
Таибов С.А. - мудири шуъбаи иттилоот ва нашрия;

Ҳуруфчин: Мавлуда
Тарроҳ: Умаров Комрон
Мусаҳҳеҳ: Таманно

Дар матбааи «Мега Принт» ба табъ расидааст.